272264

Ватанро дӯст медорӣ? Андоз супор!

Давлатхӯҷа СИРОЧОВ

МУШКИЛОТИ АНДОЗ: онҳо аз чӣ иборатанд ва чӣ бояд кард то осон шаванд?



ТАҲЛИЛИ ИҚТИСОДӢ, АНДЕШАҲО, ТАКЛИФУ ПЕШНИҲОД ВА ДАСТУРҲО.

Душанбе - 2000

Ватанро дӯст медорӣ? Андоз супор!

ДАВЛАТХӮҶА СИРОҶОВ

МУШКИЛОТИ АНДОЗ:

оиҳо аз чӣ иборатанд ва чӣ
боид кард то осон шаванд?

Тахлили иқтисодӣ,
андешаҳо,
таклифу пешниҳодот,
дастурҳо

Душанбе, соли 2000

МУАССИСАН ДАВЛАТИИ
"КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН"
242264
336.2

000312860
Китобхонаи миллии Тоҷикистон

..Барои рушди устувори иқтисодиёт ташкили низоми самараноки андозбандӣ ва ҷамъоварии андоз аҳамияти бузург дорад. Қадамҳои нахустин дар ин самт аллакай бо қабули Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуданд. Акнун вазифа аз татбиқи амалии кодекси мазкур, такмили минбаъдаи сохтори андоз ва низоми ҷамъоварии он бо риояи дурусти ҳуқуқи андозсупорандагон мебошанд.

Э.Ш. РАҲМОНОВ
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Китобе, ки шумо, хонандагони азиз, дар даст доред, маҷмӯи андешаҳо ва мулоҳизаҳои як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аст бобати беҳтар намудани воридоти буҷа, ғанӣ гардонидани хазинаи давлат, бо ин васила ободтар намудани он ва, умуман, баланд бардоштани сатҳи маърифати иқтисодии кишвар. Муаллиф, ки худ аз иқтисодиёт хуб бохабар аст, инчунин зимни мушоҳида ва омӯзиши таҷрибаи пешрафт ва иқтисоди кишварҳои мухталифи дунё вазъияти мушкилот ва роҳҳои ҳалли қисми воридоти буҷа ва дигар проблемаҳои иқтисодии кишвари моро бо онҳо муқоиса менамояд. Бо ин васила ӯ ҳам ба андозсупоранда ва ҳам ба корманди мақомоти андоз кӯмак карданист, ки инро метавон бетараф набудани ӯ аз пешрафту нумӯи кишвар низ маънидод кард.

Китоб ба оммаи васеи хонандагон тавсия мешавад.

ЯК ЧАНД СУХАН ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ

Одамоне ҳастанд, ки меҳнат барои онҳо сарчашмаи ҳамаи хушбахтиҳост; дар зиндагӣ машғулияти аз ҳама асосӣ ва аз ҳама дӯстдоштаи онҳо, муболиға намешавад бигӯем-ҳатто истироҳаташон маҳз меҳнат аст ва аз ин рӯ, ба меҳнат самимона, ҷиддӣ ва аз сари сидқу вафо машғул мешаванд. Барои ин гуна ашхос одати одамчудокунӣ, маъракабозӣ, ба одамон аз рӯи хулқу хислат ва дараҷаи хушомаду тамаллук, дараҷаи шиносоиву хешу таборӣ ва маҳаллу ҷойи зист баҳо додан бегона аст; онҳо мудом як чизро эҳтиром мекунанд - истеъдоду маҳорати касбиро ва бо атрофиён маҳз аз рӯи ҳамин хислаташон баҳо медиҳанд.

Боз як хислати аз ҳама ҳамидаи ин гуна одамон он аст, ки ҳангоме худ ба меҳнат самимонаву ҷиддӣ машғуланд, аз дигарон низ ҳаминро талаб мекунанд, яъне хеле серталаб мешаванд ва дар аксари мавридҳо ин

серталабии онҳо боиси барори кору пешрафти истеҳсолот мегардад. Ман ба ҳайси як рӯзноманигор аз вазъи кори соҳаи воридоти буҷа, проблемаву муаммоҳои он ба хубӣ огоҳам ва тӯли чанд вақт мушоҳида месозам, ки Давлатхӯҷа Сирочов ба ҳайси раиси Комитети андози шаҳри Душанбе чӣ гуна фаъолият дорад. Раиси кумитаи андози шаҳри Душанбе будан кори хеле пурмасъулият аст, махсусан ҳоло, ки мо дар овони гузариш ба иқтисоди бозорӣ қарор дорем. Ман худ шоҳид будам, ҳангоме Давлатхӯҷа Сирочов ба ин вазифа таъин гашт, аз ҳафтаҳои нахустини кор, аз ҷаласаҳои нахустин, ки ӯ мегузаронд, маълум мегашт аз ӯҳдаи кор ба хубӣ мебарояд. Коллективро низ як оҳанги муназзами кор фаро гирифт. Ба ин вазифа таъин шудани Давлатхӯҷа Сирочов бо ҳукми вазъият ва айём низ буд. Гап дар сари он ки соли 1999 - дар чашнгирии 1100 солагии давлатдории Сомониён, кившари мо меҳмонони зиёди хориҷиро интизор буд. Аз ин рӯ, бояд шаҳр ободу зебо карда мешуд, аз ҳама асосияш - бояд сохтмони ҳайкали мӯҳташами Исмоили Сомонӣ анҷом меёфт. Барои ин ҳама маблағ лозим буд, вале дар як вақт вазъияти воридоти маблағ ба буҷа хуб набуд. Аз ин рӯ, дар бисёр сатҳу зинаҳо коркунон ба буҷа ва воридоти он машғул иваз карда шуданд. Он сол ичроиши накшаи воридоти андоз дар шаҳри Душанбе

моҳи январ 9 фоиз, феврал 26 фоиз ичро шуд, вале моҳи март маҳз ба кӯшиши Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев ва раиси кумитаи андоз Давлатхӯҷа Сироҷов нақшаи воридоти буҷа 170 фоизро ташкил дод. Ин имконият фароҳам овард, ки ичроиши нақшаи чоряки якуми солро ба 114 фоиз расонанд. Ҳамаи ин албатта осон набуд. Тасаввур кунед, ки раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев танҳо дар як моҳи марти соли 1999 бобати буҷа ва воридоти он панҷ маротиба ҷаласа гузаронд. Дар кумитаи андози шаҳр бошад, аз баҳри истироҳату фароғат, ба маънои томи ин калима пурра гузаштанд. Ситод ташкил дода шуд. Ҳар бегоҳ сарварони Нозироти андози чор ноҳияи шаҳр, мудирони шӯъбаҳои Комитет ва мутахассисон ҷамъ омада, то соатҳои 10-11- и шаб натиҷаи рӯзи гузаштаро таҳлил ва нақшаи фардо муҳокима мекарданд.

То ин вақт бисёриҳо гумон доштанд, ки роҳбари нав одамони худашро меорад ва ба такопу афтоданд. Аммо даррав маълум гашт, ки барои роҳбари нав, яъне барои Давлатхӯҷа Сироҷов ҳамон одам “одами худист”, ки истеъдоду маҳорати касбӣ дошта бошад ва аз ӯхдаи вазифаи ишғолкардааш барояд. Ғайричашмдошт Давлатхӯҷа Сироҷов мағруриву калонгарӣ низ надоштааст, муносибаташ мудом оддӣ ва самимӣ. Ба

зердастон даррав аён гашт, ки дар истеҳсолот кор кардааст ва хеле серталаб мебошад. Аз ин баъзеҳо нафаси сабук кашиданд; ман дар назар дорам ашхосеро, ки воқеан ҳам мутахассис буданд ва танҳо аз рӯи ин ҷову мавқеъ доштанд.

Аз вохӯриву сӯҳбатҳои нахустин, аз баромадҳояш тавассути воситаҳои ахбори омма дар маҷлису маҳфилҳои сатҳи мухталиф, баҳсҳои иқтисодӣ шахсан ман ҳис кардам, ки Давлатхӯҷа Сирочов на танҳо шахсест доно, балки дорои нутқи ҳадафрас ва ҷасорати баланд. Гаперо, ки дар дил дорад, рӯирост мегӯяд ва фикрашро бо мисолҳо ва таҳлилҳои аниқ исбот мекунад. Ҳамаи ин ба он хотир аст, ки Давлатхӯҷа Сирочов, раиси Кумитаи андози шаҳр як ҳадаф дорад: кӯмак расонидан ба қисми воридоти буҷа ва баланд бардоштани сатҳи маърифати иқтисодии омма.

Ва китобчае, ки ӯ вобаста ба ин проблемаву муаммоҳо бо нишондоди роҳи ҳалли онҳо бо исботу таҳлили амиқу чуқур таҳия намудааст, низ бо ҳамин мақсад аст. Вақте Давлатхӯҷа Сирочов таклиф намуд, ки муҳарририи китобашро ба ӯҳда гирам, дарав розӣ шудам. Фаҳмидам, ки ин амали ӯ ба манфиати халқу кишвар, ояндаи Тоҷикистон аст ва розигӣ додам бо ин кори хайр шарик шавам. Воқеан, ин китоби дуввумини Давлатхӯҷа Сирочов аст. Ӯ табъи равони

шоирӣ дорад. Ду сол қабл китоби шеърҳои Давлатхӯҷа Сирочов бо номи “Нафаси субҳ” чоп шуда буд, ки мақбули ҳаводорони шеър гаштааст.

Шоираи маҳбуби тоҷик Шаҳрия, ки ба китоби ӯ пешгуфтор навиштааст, мегӯяд:

Ҳамон шоир тӯӣ, ки дарди миллат,
Даруни дафтари ҷонат навиштӣ.
Ғаму андӯҳи ӯро ҷовидона,
Ба марзи дидагони хеш киштӣ.

Дили шӯридаат таскин наёбад,
Аз он рӯзи сиёҳу ҷангу куштор.
Кунун дасти дуо дорӣ ба яздон
Худоё, тоҷиконамро нигоҳ дор.

Чароғи дидаат акнун фурӯзад,
Ба рағми ин муҳити тираафзо.
Туро дил мешавад ҳар лаҳза ғамгин,
Барои ҳастии имрӯзу фардо.

Кунун дармони мо озурдагӣн аст,
Дар ин дам порае аз олами шеър.
Ҳамебахшад ба дилҳо ҳарфи гармат,
Аё, Давлат Сироҷ, як ҷуръаи мехр.

Ва инак, китоби дуюми Давлатхӯҷа Сирочов. Ӯ аз ҷавонӣ шеър менавишт, бо адибону рӯзноманигорон дӯстиву рафтуо дошт. Китоби якумаш - маҷмӯаи шеърҳояш аз дарди миллат бошад, китоби дуюми ӯ, ки чун иқтисоддон ва истеҳсолотчии касбӣ иншо шудааст. Агар дар китоби шеърҳояш навиштааст:

То кай ғаму тақдири мо,
Ҳал мекунанд бегонагон.
Нахли пур аз бори маро,
Кал менамоянд дигарон,

пас дар китоби дуюмаш ҳамаро даъват месозад, ки биёед, бахри рушди иқтисодии кишвар ҳамдилу яктан шавем.

Вокеан, китоби якуми Д. Сирочов вақте чоп шуда буд, ки ӯ ҳанӯз ба ҳайси раиси Комитети андози ш. Душанбе кор намекард. Вале ин китоб вақте навишта ва нашр мешавад, ки вазифаи хеле масъулро ба ӯҳда дорад ва бо проблемаҳое, ки бобати онҳо масъала мегузорад, бевосита рӯ ба рӯст. Ман бовар дорам, ки ин китоби Давлатхӯҷа Сирочов низ аз аҳамият холӣ нест ва гумон мекунам ҳам ба иқтисоддонҳо, ҳам ба андозбанду андозсупорандагон, хулоса ба тамоми мардуми ин кишвари ба иқтисоди

бозорӣ рӯ оварда кӯмак хоҳад кард. Аз он метавон ба бисёр суолҳо ҷавоб ёфт ва метавон сатҳи маърифати иқтисодии худро баланд кард.

Нозир Ёдгорӣ
узви Иттиҳоди нависандагони
Тоҷикистон.

МУҚАДДИМА

Ин китоб чӣ ҳадаф дорад?

Соли гузашта бо ташаббуси начибонаи Президенти Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар сар то сари кишвар 1100 солагии нахустин давлатдории тоҷикон - Давлати Сомониён ботантана қайд гардид. Ҳамаи соҳаву ҷабҳаҳои он хуб омӯхта шуд. Аз ҷумла маълум гашт, ки сабабгори рушду нумӯъ ва харобиву заволи давлат албатта хазинаи он аст. Рукни асосии бой кардани хазина ин ба танзим даровардани андоз аст. Дар ҳама давру замон дар ҳама шакли давлату давлатдорӣ ҳамин хел буду ҳамин хел мемонад.

Дар кишвари мо - Тоҷикистони азиз, ки ҳама фарзанди ӯем, вазъи андозсупориву андозбандӣ, яъне раванди ғанӣ гардонидани буҷа ва бо ин васила тақвият бахшидани нерӯи иқтисодӣ, осудаву обод кардани

мардуми он чӣ гуна аст? Зимни ин китобча ба ин суол ҷавоб гуфтаниям ва онро шарҳу эзоҳ доданиям. Инҷо дар худи мукаддима даррав ҷавоб медиҳам, ки вазъияти воридоти андоз, вобаста ба он овоне, ки аз сар гузаронида истодаем ва вобаста ба сатҳи маърифати иқтисодии ҷомеаи мо хуб нест. Вале ин ҳам аз ҷониби ман кашфиёт нест. Тамоми аҳолӣ, алалхусус онҳое, ки бавосита ё бевосита ба иқтисодиёт сару кор доранд, аз ин вазъи сатҳи зиндагии мардуми мо огоҳанд. Вале, ба гумони ман кифоя будагист ҳамаро ба воқеаҳои маълуми аз саргузаронидаи кишвари мо вобаста кардан. Бо ташаббуси Президенти Тоҷикистон, мӯҳтарам Э.Ш. Раҳмонов халқи тоҷик шукр ба худ омад, сулҳу салоҳ барқарор шуд ва гумон мекунам, ки вақти аз ҷиҳати иқтисодӣ ба худ омадани мо низ фаро расидааст. Ватанро мо на танҳо дар шеъру суруд, балки бояд самимӣ ва ҳама дӯст дорем ва баҳри наҷоти иқтисодии он якдилу муттаҳиду яктан шавем. Аз ин ҷиҳат ҳам, зимни ин китобча ман маҷмӯи андешахоямро бобати он ки барои ба танзим даровардани ин вазъ, аз рӯи акида, фаҳмиш ва мушоҳидаҳои худ кадом тадбирҳо муҳим ва кадоме аз онҳо оҷилонанд, изҳор доштаниям.

Даррав бояд ба сари мақсад биёям, ки ман касеро паст заданӣ, зиёда аз он таънаву

маломат карданӣ нестам. Инчунин ҳаргиз ақида надорам, ки аз дигарон болотару донотарам. Фақат он чизеро, ки бобати вазъи воридони андоз ба буча медонам, он чизеро, ки аз таҷрибаи кори мақомоти андози кишварҳои мутараққии дунё ва ҷумҳуриҳои ҳамсоя мушоҳида намудам, омӯхтаам аз таҷрибаи кории худ ҳамчун собиқ соҳибкор, ки андозсупоранда будам ва имрӯз ҳамчун раиси Комитети андози шаҳри Душанбе, ки ба ташкили соҳаи андоз рӯ ба рӯям, омӯхтаам, ба саҳми умум расонда, андаке ҳам бошад дар баланд бардоштани сатҳи маърифати иқтисодии мардуми кишварам саҳми худро гузоштан мехостам. Ин корро ман аз рӯи ҳиссиёти хеле муқаддаси ватандӯстонаам мекунам. Ниёзам фақат ва фақат ҳамин аст, на ягон мақсаду ғарази дигар.

Президенти Тоҷикистон, мӯҳтарам Э.Ш. Раҳмонов, тавре ҳама шоҳидем, дар тӯли танҳо соли 1999 се маротиба - дар моҳҳои март, апрел ва август бо роҳбароне, ки ба қисми воридоти буҷа сару кор доранд, раисони шаҳру ноҳияҳо машварат доир намуд, чандин касон огоҳиву танбеҳ гирифтанд, ҳатто аз вазифа сабукдӯш гаштанд. Ин тадбирҳо албатта натиҷаҳои хуб бахшиданд, масъулияти ҳам андозбанду ҳам андозсупорандагон зиёд гашт. Ва вазъияти

воридот ба буҷа низ бехтар шуд. Аммо боз проблема ва муаммоҳое вуҷуд доранд, ки ҳалли онҳо воқеан ҳам на он қадар душворанд. Барои ин маблағи муайяне ва дурандешии вазорату ташкилотҳои дахлдор, масъулияту диди иқтисодии баъзе роҳбарони ба соҳа алоқаманд лозим. Вале аз ин фоида дахчанд, дар баъзе мавридҳо садчанд мешавад, аз ҳама асосияш кор ба низом медарояд ва кор, ки ба низом даромад, тартибот, ки баркарор шуд, буҷа ғанӣ мегардад.

Мегӯянд, ки:

Назму тартиб ҳар кучоест пойдор,
Зиндагиву кор мегирад барор.

Ва ман ҳам ана ба ҳамин ҷиҳати масъала дахл карданиям. Алҳол бошад, кишвари мо, бо он сатҳи иқтисодӣ ва истеҳсолие, ки дорем, танҳо дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ қарор дорад, ҳарчанд нияту талош дорем ҳоло пурра ба ин раванд ворид нагаштаем, танҳо нишонаҳои он дар мо акнун пайдо мешаванд, иқтисоди бозорӣ қонуниятҳои худро дорад, ки пеш аз хама ва мӯҳимтарини он - бояд барои сектори хусусӣ, яъне моликияту хусусӣ замина пайдо кард. Бе он иқтисоди бозорӣ наметавонад ки вуҷуд

дошта бошад. Дар кишвари мо хусусигардониро тарҳрезӣ карданд, вале аз ҷиҳати қонун ҳифз намудани он, инчунин дараҷаи маърифати иқтисодии соҳибони ин моликият паст аст, ки ин аз мушкилоти асосии андозу андозбандӣ ба шумор меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси андоз таҳия, тасдиқ ва нашру дастрас гашт. Қонунҳои то ин вақт мавҷудбуда вазифаи ҳамаҷониба пур кардани буҷаи давлатро надошт, барои муайян намудани объектҳои андозбандӣ, иҷрои вазоифи андоз, қоидаҳои андоз, дидани чораҳои андоз, принсипҳои он иҷро карда наметавонист. Аз ин рӯ, қабули Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чун конститутсияи иқтисодӣ як воқеаи хеле муҳим буд. Он зимни омӯзиши таҷрибаи як қатор давлатҳои аз чиҳати иқтисодӣ пешқадами дунё тайёр шудааст. Оё ин Кодекс қобили қабул аст? Агар қобили қабул бошад, пас чӣ монеъ мешавад барои амалӣ гаштани он? Дар ин китобча ман кӯшиш кардаам, ки бобҳои алоҳидаи Кодексро, ки махсусан муҳиманд, шарҳу тавзеҳ диҳам ва бобати сабабҳои амалӣ нашудани онҳо изҳори фикру андеша намоям.

Пешакӣ ман фақат ҳаминро гуфтаниям, ки ин Кодекс на танҳо китоби мақомоти андозбандист, балки онро ҳамаи

соҳибкорон, соҳибони моликияти хусусӣ, бояд омӯзанд, он чун фанни муҳим дар барномаҳои таълимии мактабҳои олӣ, ҳатто дар синфҳои болоии мактабҳои ҳамагонӣ ҷой дода шавад. Ин боиси баланд шудани маърифати иқтисодии тамоми ҷомеа мегардад.

Ҳоло дар ҷомеаи мо вобаста ба овони гузариш як қатор мушкилот, нофаҳмиҳо, ҳиллаву бозиҳои иқтисодие вуҷуд доранд, ки кори воридоти андозро мушкил месозад, баъзан мо хасисӣ карда, якро ҳифз менамоему аз сад маҳрум мешавем, ба оянда бо нигоҳи манфиати иқтисодӣ наменигарем ё нигоҳ кардан намехоҳем, барои манфиати як рӯзи худ фардоро фаромӯш мекунем, барои манфиати як гурӯҳ ҷомеаро сарфи назар месозем. Вобаста бар ин китоби ман як навъ даъват низ мебошад; даъват бар он ки биёед якҷоя барои манфиати кишвари азизи худ бикӯшем, биёед бо кору амаламон аз зиндагии худ ёду нақши дурахшоне боқӣ гузорем. Мо ҳама охир дар ин дунё ҳамагӣ панҷ-шаш даҳсола ё андаке зиёдтар аз ин меҳмонем ва набояд ин умри кутоҳи худро сарфи ҳар майда-чуйдаҳои бебақо намоем, балки барои ба ҳадафҳои калон ва наҷиб расидан кӯшиш намоем. Барои ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон - хоҳ ӯ коргар бошад хоҳ роҳбар аз истиқлолияти иқтисодӣ, созмон

додани Ватани муқтадир ва мустақил вазифаи муҳимтаре нест.

Ҳол он ки мо дар симо ва шахсияти барҷаста - Э.Ш. Раҳмонов роҳбари хирдманду тавоно дорем, тавассути ӯ ваҳдату сулҳ, имконияти меҳнат кардан ва иқтисодиётро ба низом даровардан пайдо шудааст.

Биёед, аз ин имконият истифода барем.

Пешакӣ ман аз роҳбарони корхонаву муассиса ва вазорату ташкилотҳое, ки камбудиву нуқсонҳояшонро гӯшрас намудаам ӯзр мепурсам ва онҳо бояд инро ба манфиати кори умум-пешрафти иқтисодии кишвар фаҳманду маънидод намоянд.

БОБИ ЯКУМ

Мухтасар дар бораи вазъи андоз

Аз ташкил ёфтани Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва полиси он панҷ сол сипарӣ шуд. Аслан гирем, инро наметавон ташкил ёфтани андоз номид, чунки тавре дар ҳама давру замон андозу андозбандӣ вуҷуд дошт, дар он овоне, ки кишвари мо дар ҳайати Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ шомил буд, мақомоти андоз вуҷуд дошт. Агар ба таърихи ташаккул ва тағйиротҳои мақомоти андоз як назари сабук андозем, он чунин аст. То моҳи июли соли 1990 мақомоти андоз дар назди вазорати молияи РСС Тоҷикистон ҳамчун Идораи даромади давлатӣ (Управления госходов) вуҷуд дошт, ки сарвари он Ирина Ахмадовна Анварова буд. Баъд аз июли соли 1990-ум бошад, Нозироти андози давлатии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ёфт, ки Қосимов Ҷалол Қосимович

саравари он таъин гашт. Аз 4 январи соли 1992 бо фармони Президенти онвақтаи Тоҷикистон Р.Н. Набиев ин Нозирот ба саридораи давлатии андози назди Президенти Тоҷикистон табдил ёфт ва сарвари он Абдулло Орифов, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор ҳозир - вакили мардумӣ дар Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон, таъин гашт. Сипас, 4 майи соли 1995 он ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт ва дар назди Кумита Полиси андоз низ ташкил ёфт, ки дар ҷумҳурии мо мақомоти воқеан ҳам нав ба шумор мерафт. Вале инҷо рости гап, мақсаду ҳадафи ман чизи дигар аст: мехоҳам бо далелу фактҳои мушаххас шарҳ диҳам, ки ин идораи бонуфуз, ки аз бисёр ҷиҳат дараҷаи пешрафти иқтисодии кишварро муайян месозад, дар ин муддат ба кадом нишондодҳо ноил гашт, чӣ вазъу сатҳ дорад ва бо кадом мушкилоту душворӣ рӯ ба рӯст. Таъкид мекунам, ки шарҳу эзоҳи ман аксаран дар мисоли шаҳри Душанбе аст; аз як тараф танҳо ман ба ин салоҳият дорам ва аз дигар ҷиҳат факту рақамҳои ба пойтахт вобаста ба раванди умумиҷумҳуриявии соҳа таъсироти амиқ мегузорад.

Тавре дар боло изҳор дошта будам, дар мо вазъи вори доти андоз хуб нест. Агар ба

факту рақамҳо, агар ба он нишондодҳое, ки дар ҳисоботҳо оиди воридоти андоз дарҷ мешаванд ва дар минбарҳо изҳор мегарданд, диққат диҳем, дар назари аввал чунин менамояд, ки гӯё онҳо хубанд: супоришҳо ичро, ҳатто баъзан пурраву барзиёд ичро!

Аз натичаҳои соли гузашта мисол меорам ва баъзе далелҳои онро шарҳ медиҳам. Соли гузашта барои мо хеле мушкил буд. Тавре дар боло гуфтам, соли гузашта ҳам соли ворид намудани дигаргуниҳои дар мақомоти андоз, такмил додану мустаҳкам намудани сафҳои он буд ва ҳам лозим меомад, ки нақшаи воридоти буҷа ичро гардад, то ин ки ҷашнвораи 1100 солагии давлати Сомониён, ки ба истиқболи он сохтмону ободкориҳои зиёд, аз ҷумла бунёди ҳайкали Исмоили Сомонӣ тарҳрезӣ шуда буд, пуршукӯҳу ботантана гузарад. Ба хотир дорам, чоряки аввали соли гузашта вазъияти воридоти буҷет дар тамоми ҷумҳурӣ, аз ҷумла шаҳри Душанбе низ хеле бад буд. Масалан, нақшаи моҳи январ 9 фоиз ва нақшаи моҳи феврал 26 фоиз ичро шуда буду халос. Ман ба ҳайси раиси Кумитаи андози шаҳри Душанбе асосан аз якуми март корро сар кардам. Барои он ки супориши чоряки аввалро ичро намоем, лозим меомад, ки нақшаи моҳи март 162 фоиз ичро карда шавад. Дигар чои бозгашт ва акибнишинӣ

набуд.

Дар як худи моҳи март дар ҳузури раиси шаҳри Душанбе, мӯҳтарам Маҳмадсаид Убайдуллоев панҷ маротиба масъалаи воридоти буҷа мавриди муҳокима қарор гирифт. Ҳамаи ин кӯшишу заҳмат беасар нарафт мо тавонистем, ки плани чоряки якуми соли 1999-ро пурраву барзиёд (114 фоиз) ичро намоем.

Бобати ҳалли бисёр проблемаҳое, ки дар назди Кумитаи андози шаҳри Душанбе меистод, хизматҳои муовини раиси шаҳри Душанбе марҳума М.С. Валиева хеле босазо ва лоиқи таҳсин аст. Ин зани оқилаву доно, ки дар ҷабҳаи роҳбарӣ низ хеле бафаҳму боидрок буд.

Мегӯянд, ки худо гулчин аст. Афсус, ки марги нобаҳангом хеле барвақт ӯро аз байни мо рабуд. Вагарна, ман боварии пурраву комил дорам, ӯ дар пешрафти иқтисодии пойтахт хеле саҳм мегузошт.

Воқеан, худорахматӣ Муслима на танҳо барои мо - коркунони соҳаи иқтисодиёт, балки барои дигар ашхос низ азиз будааст. Бинед, шоир Нуруллои Саъдулло дар сӯгвории ӯ чӣ навиштааст:

Сад доғ ба дил Муслимахон рахти сафар кард,
Пайкони ачал қасд ба ин ғунчаи тар кард,
Армони дилашро хама чӣ зеру забар кард,

Ёрону рафиқон ҳама ҷо хуни ҷигар кард
Оҳ аз ҷигари ҳамдаму бегона бадар кард

Ӯ дар паи ободии ин шаҳр ба по буд
Дар мушкили ҳар пиру ҷавон обу адо буд
Дар меҳр садоқат амалаш сидқу сафо буд,
Ӯ кони сахо, кони саҳо, кони сахо буд,
Ин рафтани ӯ доғ дили шамсу қамар кард.

Ӯ ғунчаи нашкуфтаи ин боғи ҷаҳон буд
Як сина муҳаббат дилаш аз ишқ нишон буд.
Ӯ отифаи иффату фархунда ба ҷон буд
Рахшидатарин ахтари ин давру замон буд
Аз олами мо роҳ ба дунёи дигар кард.

Додар зи ғамаш оҳи ба лаб навҳакашон рафт,
Хоҳар зи паяш ашкфишон бо ғами ҷон рафт,
Бар дӯши ҳама монд ғамаш, бори гарон рафт,
Чун тири хатогашта зи оғӯши камон рафт,
Ӯ рафт, маро бахт сиёҳҷома ба бар кард.

Фарёд, ки бигзашту ба дил бурд самарро,
Базми шаби домодии зебанда писарро,
Зебанда арӯси нигаҳаш, ғунчаи тарро,
Аз ишқ ба ҳам омадани шамсу қамарро,
Бигрист қалам, ашки ҳама дурру гуҳар кард.

Ӯ рафт, ки ёдаш ҳамагӣ дар дили мо монд,
Умре зи ғамаш қомати хамгашта дуто монд,
Дар ҷаннати фирдавс варо тахти ба ҷо монд,

Аз рафтани ӯ ёд ба мо меҳру вафо монд,
Ин ашк маро аз паи ӯ доғи ба сар кард.

Тобути варо дидаму бар дӯши ҷаҳон рафт,
Овози накӯ бехабар аз гӯши ҷаҳон рафт,
Шуд ашк, ки аз дидаи хомӯши ҷаҳон рафт,
Пӯшида кафан моҳи қабопӯши ҷаҳон рафт,
Афзуд ба дардам ҳамаро ҳол батар кард.

Бобати кору фаъолияти минбаъда низ мо нақшаи амалиёт тартиб додем. Мувофиқи он бо мақсади фаъол намудани кор, бобати бечуну чаро ичро намудани нақшаи андозсупорӣ мо дар назди Кумитаи андози шаҳр ва нозироти андози ноҳияҳо ситодҳои доимоамалкунанда ташкил додем, назорат барои пурра ҳисоб карда баромадан ва ҷамъ намудани он сарчашмаҳои андоз, ки ичро нагардиданд, ба зимаи роҳбарони аввали мақомоти андози ноҳияҳо вогузор карда шуд.

Ҳамин тариқ, дар ҷамъбасти соли гузашта нақшаи қисми даромади буҷа аз рӯи андози даромадҳо 114 фоиз таъмин карда шуд. Бо забони рақамҳо гӯем, ба ҷои 29,5 ба буҷа 33,6 миллиард рубл ворид гашт, ки 4,2 миллиарди он аз нақша зиёд аст. Дар он давра ба буҷаи шаҳр ба ҷои 14,1 миллиард

14 миллиарду 910 миллион сӯм ворид карда шуд. Нозиротҳои андози ҳамаи ноҳияҳои шаҳр супоришҳоро ичро карданд. Ноҳияҳои Роҳи оҳан - 110 фоиз, ноҳияи Октябр - 144 фоиз, ноҳияи Марказӣ 138 фоиз ва ноҳияҳои Фрунзе - 116 фоиз.

Вале, рости гапро гӯям, ин нишондиҳандаҳо шахсан маро қаноатманд карда наметавонад. Бо аксар сабабҳои ба мақомоти андоз новобаста, аз 14 номгӯи сарчашмаҳои андозҳои умумидавлатӣ ва 3 намуди андозҳои маҳаллие, ки ба мақомоти андози шаҳри Душанбе вобаста карда шудааст, 7 намуди он ичро нашудааст ва минбаъд низ ичро шуданашон дар гумон аст. Аз ҷумла, аз андози аксизҳо ҳамагӣ 862,0 миллион рубл (16 фоиз), аз андози замин 51,7 миллион рубл (71 фоиз), аз андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт 20,1 миллион рубл (85 фоиз), аз андоз аз рӯи системаи соддакардашуда 830,0 миллион рубл (13 фоиз) аз андози фурӯши чакана 589,7 миллион рубл (31,5 фоиз), аз патент 17,6 миллион рубл (97,5 фоиз) аз андоз аз амволи шахсони ғайриманқул 14,6 миллион рубл (76 фоиз) маблағ ба буҷа ворид карда шуду халос. Аз ин ҳисоб ба маблағи 2,3 миллиард рубл кам ба буҷа ворид шуд.

Дар давоми соли ҷорӣ низ аксари ин камбудиҳо такрор мешаванд. Диққат диҳед,

ба факту рақамҳои мушаххас. Дар зарфи чор моҳ ба буҷаи умумичумҳуриявӣ 10545533,6 ҳазор рубл ворид карда шуд, ки ин 90 фоизи нақшаро ташкил медиҳад. Нақшаи воридот ба буҷаи шаҳр бошад, барзиёд ичро шуд: ба ҷои 5328153 ҳазор рубл 5537857 ҳазор рубл ворид карда шуд, ки ин 104 фоизи план аст. Танҳо дар моҳи апрел ба маблағи 828231,5 ҳазор рубл қарзҳои андоз барҳам дода шуданд. Тавре таҳлилҳо нишон медиҳад, дар ин давра низ супориши он сарчашмаҳои андоз, ки дар ҷамъбасти сол ичро нашуда буданд ва ислоҳашон ба мо тақрибан вобастагие надоранд, ичро нагаштанд. Аз ҷумла андози аксизҳо дар ин давра ба қадри 8 фоиз ичро гардиду халос, ки аз ин ҳисоб ба буҷа 381045 ҳазор рубл ворид нагашт. Сабаби ин чист? Ман мухтасар таҳлил мекунам: Нархи аксиз, ки бо ҳисоби доллари ИМА муайян шудааст, барои ба фурӯш рафтани маҳсулотҳои истеҳсоли худӣ, алалхусус машрубот ва тамоку халали ҷиддӣ мерасонад. Инро чӣ хел шарҳ додан мумкин аст? То 31 марти соли 1999 барои як литр арақ, 1,3 доллар, баъди ин 1 доллари америкоӣ муайян карда шудааст, ки ин хоҳ-нохоҳ нархи маҳсулоти моро дар бозор қиммат месозад ва онҳо дар рақобати нархӣ нисбати маҳсулоти пастсифати хориҷӣ, ки бо ҳар роҳу восита, аз ҷумла ба тариқи қочоқ

аз хориҷи кишвар бо бозорҳои мо ворид мегарданд ва маҳсулоти худсохт (самопал) мағлуб мешавад. Ин дар ҳолате ки вобаста ба оби мусаффо ва ширинтаъме, ки мо дорем, аракӣ Тоҷикистон яке аз беҳтарин аракҳои дунёст, вале аз ин имконият дуруст истифода набурда истодаем. Барои он ки бо нархи аксизӣ, аракӣ истеҳсоли худӣ 200-300 сум қиммат меафтад, то ин дам (ман якуми апрели соли 2000-умро дар назар дорам) дар анборҳои корхонаҳои корпоратсияи "Хӯрокворӣ"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 59232 деколитр арақ, 2234 деколитр коняк, 21443 доколитр вино ва 14106 деколитр пиво аз сабаби талабот надоштанашон нигоҳ дошта шудаанд, ки дар ҳолати ба фурӯш рафтани онҳо имкон буд ба маблағӣ1542,4 миллион рубл аксизҳо ба фурӯш мерафтанд.

Хеле хуб ва боиси хушнудиҳост, ки аз 19 апрели соли 2000-ум таҳти рақами 171 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тақвият бахшидани танзими давлатӣ дар соҳаи истеҳсолу муомилоти спиртӣ этил ва машрубот" қарор бароварда зимни он, аз ҷумла нархи аксиз арзон карда шуд. Ин тадбир хеле хуб ва ва самарабахш хоҳад буд. Вале агар нархи аксиз аз рӯи фоизи нархи худи маҳсулот муайян карда мешуд, боз ҳам беҳтар мебуд. Дар ин ҳолат ягон инфляция

ва бекурбшавии асъори миллӣ барои ҳаматарафа ба бозор роҳ ёфтани маҳсулоти худӣ ва ғанӣ гардонидани буҷаи кишвар халал расонида наметавонист.

Дигар мушкилоте, ки боиси ба бозори истеъмолӣ кам ворид шудан маҳсулоти аксизии мо мегардад, нобасомониҳои кори гумрук аст. Аслан гирем, мақомоти гумрук бояд анборҳои муваққатии нигоҳ доштани маҳсулотро дошта бошад ва молу амволи аксизиеро, ки аз хориҷи кишвар ворид мегардад, онҷо нигоҳ дорад, маркаи аксизии Ҷумҳурии Тоҷикистон часпонад ва сипас иҷозати ба истеъмолкунандагон пешкаш карданро диҳад. Ин тадбир ҳам ба манфиати буҷаи кишвар мешуд ва ҳам имкон намедод, ки маҳсулоти пастсифату зараровар дар бозори истеъмолии мамлакати мо паҳн шавад.

Чӣ ҷои пинҳон кардан дорад, баъзан метавонанд, ки кормандони гумрук ва андоз забон як карда, соҳибкоре ё гурӯҳи соҳибкоронро мутеъ намуда, ё ба ибораи маъмули русӣ "крыша" шуда ва бо ин баҳона он ҳиссаи малағро, ки бояд вориди буҷа шавад, соҳибӣ мекунад. Ин ҳам ба воридоти буҷа зарар дорад, ҳам боиси пайдоиши гурӯҳҳои микромафиозӣ мегарданд. Дар ҷумҳурии мо алҳол шояд гурӯҳҳои коррупсионии калон вуҷуд надошта бошанд,

вале ин гурӯҳҳои микромафиозӣ, агар пеши роҳашонро нагирем, метавонанд калонтар шаванд, маблағи калони умумихарҷӣ пайдо карда, сатҳи таъсиррасонии худро зиёд намоянд.

Дар бобати забон як кардани баъзе намояндагони мақомоти қудратӣ ман мисолҳои мушаххас меорам. Масалан, моҳи сентябри соли ҷорӣ як гурӯҳ соҳибкорон забон як карда, фаъолияти соҳибкории худро ба номи бародари яке аз кормандони шӯъбаи зидди коррупсияи Кумитаи андӯзи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифтанд. Вокеан, онҳо дар сохтори гумрук низ одамони худро доштанд. Ин гурӯҳ муддати 8 моҳи ҷорӣ ба маблағи ним миллион доллари ИМА ба шаҳри Душанбе мол ворид карда, ягон танга ба хазинаи давлат насупориданд ва аз ҳисоби напардохтани андозу дигар пардохтҳо ба миқдори тақрибан ҳаштод ҳазор доллари ИМА даромади иловагӣ ба даст оварданд. Ачоиб ва аламовараш он аст, ки ҳамаи ин доду гирифт дар пеши назари аҳли ҷомеа ва коркунони мақомоти қудратӣ рӯй медод. Аммо ҳама аз хотир ва ё тарси шахсияти дар боло ишора шуда, ба даҳон об гирифта буданд. Кумитаи андози шаҳри Душанбе ин чиноятро рӯи об бароварда.

Ба ғайр аз ин фирмаҳои тиҷоратие

ҳастанд, ки дар зери “сарпарастӣ”-и шахсони мансабдор ба фурӯши маводи аввалияи ниёзи мардум машғул шуда, аз супоридани андоз саркашӣ кардан мехоҳанд. Масалан, фирмаи байналхалқии КАРЕ интернейшнл бо як амалиёти тиҷоратӣ 600 миллион рубл боло нархӣ гирифта, бо ҳар роҳу восита аз андоз гардан мепечид. Ҳатто баъзе намояндагони идораҳои боломақоми давлатӣ кӯшиш намуданд онро ҳимоя созанд.

Дигар намуди сарчашмаҳое, ки муттасил ичро намешавад, ин андоз аз арзиши изофа ба шумор меравад. Дар чор моҳи охир дар кумитаи андози шаҳри Душанбе ин намуди воридот ба қадри 86 фоиз ичро гардид.

Умуман дар бораи андози арзиши илова гуфтниям, ки ичроиши ин намуди андоз дар ин шакле вучуд дошт тақрибан номумкин аст. Фарз кардем, идораи ба обтаъминкунӣ. Аз рӯи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон агар амал намоем, корхона ҳамин ки таҳвили мол кард, бояд андози арзиши изофаро супорад. Тавре дар боло қайд кардам, Кодекси мо аз рӯи таҷрибаи мамолики пешқадами дунё, ки солҳо боз аз рӯи талаботи иқтисоди бозорӣ иқтисодиёти худро пеш мебаранд, тарҳрезӣ ва ҷузъбандӣ карда шудаанд. Аммо мо, ин нукта ба ҳама маълум аст, дар зинаи



Дар расм: М. С. Ваҳиева, собиқ муовини раиси ш. Душанбе.



Р. К. Мадаминов, муовини якуми раиси кумитаи андози ш. Душанбе.



Н. Маҳмадалиев, муовини раиси кумитаи андози ш. Душанбе.



Гурӯҳи кормандони кумитаи андози ш. Душанбе.

тараққиёти иқтисодӣ, маърифати иқтисодӣ ва тачрибаи амал дар зинаи нисбатан пасттаре меистем. Аз ин рӯ, ҳанӯз пурра имкон надорад талаботи ҳамаи ҷузъҳои Кодексро пурра ичро кунем. Масалан бобати воридоти андози арзиши изофа. Ва боз таҳлил мекунем дар ин бобат вазъияти Идораи баобтаъминкуниро. Корхона барои он ки корхонаву аҳолии шаҳр ба об таъмин бошад, бояд кор кунад. Вале дар як вакт охир ҳама наметавонанд, ки ҳакки хизмати Идораи бообтаъминкуниро супоранд. Баъзе сокинони шаҳр пул надоранд ё корхонаҳо муфлис гаштаанд. Вале дар як вакт наметавон шаҳрро бе об, ки як манбаи зиндагист, монд. Ба ҳамин минвол, метавон мисол оварда таъмини баркро, таъмини гармиро. Охир, яке аз вазифаҳои андоз он аст, ки бояд истеҳсолотро ба танзим дарорад.

Чӣ дар ҷумхурӣ ва чӣ дар шаҳри Душанбе сарчашмаҳое, ки субъектҳои соҳибкории хурд аз рӯи системаҳои соддакардушаду мепардозанд ва андоз аз фурӯши чакана низ ичро нашуда мемонад. Сабабҳои инро ман дар боби оянда муфассал шарҳу тавзеҳ медиҳам.

БОБИ ДУЮМ

Мушкилоти андозбандӣ

Пеш аз он ки бобати мушкилоти андозбандӣ сухан гӯям, як чизро бояд изҳор намоям, ки ин мушкилот объективӣ ва субъективиянд, яъне баъзеи онҳо ба мо коркунони мақомоти андоз вобаставу баъзеҳояшон новобаста мебошанд. Барои онро дуруст дарк кардан пеш аз ҳама мехоҳам, ки бобати сохтори кумитаи андози шаҳри Душанбе ва нозироти андози чор навоҳии шаҳр, сатҳи донишу тачрибаи кормандону мутахассисон, ба чи қодир будан, чӣ имконот доштан ва чӣ имконот надоштани он чанд сухан бигӯям.

Дар Кумитаи андози шаҳри Душанбе, ки аз Идораи марказӣ, Идораи полиси андоз ва Нозироти чор навоҳии пойтахт иборат аст, қариб 500 нафар одамон кор мекунанд. Кумита муовини аввал дар шахси Р. Мадаминов ва муовин дар шахси Н. Маҳмадалиев дорад. Ҳарду мувинон ба

соҳаҳо ва шохаҳои кумита вобаста буда, онҳоро роҳбарӣ мекунанд.

Дар ҳайати кумитаи андоз идораи ташкили андоз (сардораш Мирзоватан Асоев) идораи андозсупорандагони азим (сардораш Маҳмадшариф Зарифов) идораи санҷиши фаъолияти андоз супорандагон (сардораш Музаффар Камолов) сардори шӯъбаи бонкҳо Бахтиёр Лаққаев, шӯъбаи таҳлилу ахборот (мудираш Азиза Алимова) шӯъбаи ҳуқуқӣ (сардораш Йигиталӣ Гадоев) бухгалтерия (сарбухгалтер Аваз Қурбонов) шӯъбаи умумӣ (мудираш Сафар Мирзоев) шӯъбаи кадрҳо (мудираш Саидакбар Акобиров) дохиланд, ки ҳар кадоми онҳо, аз номашон ҳам маълум аст, вазифаҳои мушахаас доранду дар бахшҳои мухталифи воридоти андоз ва ҷорӣ намудани интизоми молиявӣ масъуланд. Ичрокунандаи вазифа Сардори Идораи полиси андози Кумитаи андози шаҳри Душанбе подполковники полиси андоз Абдураҳмон Шеров мебошад. Муовини сардори полиси андоз полковники полиси андоз Т. Ботуров аст. Идораи полиси андоз дар ҳайати худ шӯъбаҳои зеринро дорад.

Шӯъбаи мубориза алайҳи ҷиноятҳои андоз (сардораш Ҷумъахон Мирзоев), Шӯъбаи ҳабси амвол (сардораш Сафар Умаров), шӯъбаи таҳқиқ (сардораш Раҳмон

Садиров), шӯъбаи ташкиливу назоратӣ (сардораш Ф. Саврулоев) ва чанд гурӯҳҳои фаврӣ амал доранд.

Барои он ки ба сохтор, фаъолият ва мушкилоти кори Нозироти андози ноҳияхо наздиктар шинос шавем, ман инчо ба раисони нозироти андози чор навохии пойтахт имкон медихам, изхори акида намоянд.

Абдусамад МАЛИКОВ, - *раиси Нозироти андози ноҳияи Роҳи оҳан:*

-Ноҳияи Роҳи оҳани шахри Душанбе дар асоси қарори Президиуми совети олии РСС Тоҷикистон аз 28 январи соли 1930 ташкил шудааст. Аҳолии ноҳия то 1 майи соли 2000 то 105,2 ҳазор шахсро ташкил медиҳад. Масоҳати ноҳия 3321,9 метри квадратӣ аст.

Буҷаи ноҳия дар соли 2000-ум 1141182 ҳазор рубл нишон дода шудааст. Шумораи корхонаҳои саноати - 24 адад.

Якчанд сухан дар бораи Нозироти андози ноҳия:

- Дар нозироти андози ноҳияии Роҳи Оҳан мувофиқи ҷадвали басти корӣ 73 нафар кормандон адои вазифа менамоянд, ки аз ҷумла 52 нафари онҳо соҳиби маълумоти олии иқтисодӣ мебошанд. Дар байни кормандони нозирот шахсоне, ки дар мақомоти андоз зиёда аз 10 сол тачрибаи корӣ доранд кам нестанд, ки қонунҳои андоз

ва алалхусус кодекси андозро хуб мефаҳманд. Бо бовари метавон гуфт, ки барои пешбурди сиёсати андоз аз ӯҳдаи кори худ ба хубӣ мебароянд. Маҳз ташаббус ва кӯшиши чунин кормандон аст, ки Нозироти андоз нақшаҳои худро мудом ичро мекунад. Дар мо чунин анъана ҷорӣ гаштааст, ки ҳар шахси соҳибтаҷриба ба тарбияи кадрҳои ҷавон машғул буда, шогирдони худро тарбия месозад. Дар нозирот ҳар ҳафтае як маротиба барои баланд бардоштани савияи дониши кормандон машғулият гузаронида мешавад.

Мутаассифона дар байни коргарони мо шахсони тасодуфӣ низ ҳастанд. Вақти он фаро расидааст, ки сафҳои худро аз чунин ашхос тоза намуда, ҳама барои рушди иқтисодии кишвар камар бандем.

Тафсир ва содда карда, ба омма фаҳмондани қоидаҳои андоз низ хеле муҳиманд. Бо ин кор бояд Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, полис ва дигар мақомотҳои он кӯмак расонад, чопи маводҳо ва тарғиби қонунҳои андозро маблағгузорӣ намояд.

-Дар ноҳия объектҳои муҳим ё ин, ки андозсупорандагони азим корхонаҳои зерин ба шумор мераванд.

Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи "Ғалла"; Иттиҳодияи истеҳсолии "Тоҷиктекстильмаш"; Роҳи оҳани

Тоҷикистон ва воҳидҳои он. Кумитаи давлатии Нафт ва воҳидҳои он. Ширкати ҳавопаймони давлатии Тоҷикистон ва воҳидҳои он. Корпоратсияи "Хима". "Тоҷиксодиротбонк", Бонки Миллии Тоҷикистон. Бонки тиҷоратии "Сомонбонк". "Тоҷикпромбонк"

Корхонаҳое, ки андозҳоро сари вақт месупоранд: Тоҷирбонк, Ширкати ҳавопаймоии давлатии Тоҷикистон, Нафтрасон, "Ғалла", Комбинати полиграфӣ, Типографияи №2, ҶС. Тоҷиктаъминот, идораи савдои шаҳр.

Андозсупорандагоне, ки андозҳоро сари вақт намесупоранд. ҶСШК, "Тори зарин", ширкати "Нафиса", Базаи нафти шаҳри Душанбе, Муассисаҳои махсуси сохтмону мантажи рақамҳои 1,2,3; фирмаи "Шамъ", "Стройремтрест".

Саидқул САМИЕВ - раиси Нозироти андози ноҳияи Фрунзе, соли 1962 ба дунё омадааст. Соли 1986 бахши иқтисодии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм намуда, ба ҳайси муҳосиби шӯъбаи кинофиктсияи Комиҷроияи шаҳри Душанбе, ҳисобдони шӯъбаи хӯроки умумии шаҳри Душанбе, сармуҳосиби комбинати бофандагии шаҳри Душанбе кор кардааст. Аз соли 1992 ба мақомоти молияву андоз

гузашта, ба ҳайси нозир, нозири калон ва сармуҳосиби Кумитаи андози кор мекунад. Аз соли 1995 муовини сардои нозироти андози ноҳияи Фрунзе, аз соли 1998 сардори Нозироти андози ноҳияи Марказии пойтахт буд, аз якуми ноябри соли 1999 сардори Нозироти андози ноҳияи Фрунзе таъин мешавад.

Ноҳияи Фрунзе калонтарин ноҳияи пойтахт маҳсуб мегардад. Масоҳати умумии он 50 километри мурабаъро ташкил медиҳад ва он 226 ҳазор нафар аҳолӣ дорад. Дар ҳудуди ноҳия аз қабили Ширкати давлатии саҳҳомии "Барқи Тоҷик", "Заводи арматурбарорӣ", "Ҷамъияти саҳҳомии Заводи яхдонбарорӣ", фабрикаи "Чевар", фабрикаи "Ширин", Ҷамъияти саҳҳомии "Равғани тоҷик", Иттиҳодия истеҳсолии "Заводи ҷавоҳирот", Ҷамъияти саҳҳомии "Комбинати маҳсулоти ширӣ" ва хурду бузург 14 бозор мавҷуд аст.

Нозироти андози ноҳия новобаста аз баъзе камбудиҳои соҳаи истеҳсолот, алалхусус бо иқтидори пурраашон кор накардани корхонаҳо супоришҳои худро ичро мекунад. Масалан, дар нимсолаи якуми соли 2000-ум аз тарафи мақомоти андози ноҳия ба ҷои 1866235,0 ҳазор рубли нақша ба буҷаи давлатӣ 1873990,1 ҳазор рубл ворид

намуд, ки ин 100,4 фоизи планро ташкил медиҳад. Як чизро бояд махсус қайд намоям, ки порина агар дар ин давра мо супоришро 146,3 фоиз ҳам иҷро карда бошем, нишондоди имсолаамон беҳтар аст. Гап сари он, ки, порина мо маблағи 1 миллиарду 598,4 миллион рублро тибқи ҳисоббаробаркунӣ иҷро намуда будем. Соли ҷорӣ бошад, планро мо софу тоза иҷро намуда, аз ҳисоббаробаркунӣ пурра даст кашидем.

Дар Нозироти андози ноҳияи мо бо назардошти мақомоти полиси андоз 80 нафар кор мекунанд, ки онҳо пурра мутахассисанд. Сардорони шӯъбаҳои ташкили андоз аз корхонаҳои ҳуқуқӣ Кенҷа Назриев, андозбандӣ аз шахсони воқеӣ Солеҳҷон Давлатов, санҷиши андозсупорандагон Ҳамидҷон Каримов, ҳисобот ва таҳлили андоз Зоирҷон Баротов, Нозири калон Зулайхо Музаффарова, сармуҳосиб Саноат Тӯйчиева, коргузор Мавҷуда Раҳмонова аз ходимони хеле фаъолу масъулиятноки мо ба шумор мераванд.

Сафаралӣ ИСҲОҚОВИЧ ҲАКИМОВ
Раиси Нозироти андози ноҳияи Октябр, 17 июли соли 1961 ба дунё омадааст, соли 1988 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм намуда ба идораи молияи ноҳияи Октябр ба ҳайси нозири андоз ба фаъолият

шурӯъ мекунад. Ӯ солҳои 1990-1992 ҷонишини раиси нозироти андози шаҳри Қӯрғонтеппа буд. Аз соли 1993 то соли 1998 ҳамчун нозир дар Нозироти андози ноҳияи Октябр кор мекунад. Аз 9 ноябри соли 1998 то имрӯз ба ҳайси раиси Нозироти андози ноҳияи мазкур кор мекунад.

Дар ноҳия бар амсоли Вазорати алоқа, корхонаи муштараки "Тоҷиктел", Ориёнбонк, "Тоҷиксемент", ҶСШК "Заводи вино", "Тоҷикгидроагрегат", корхона ҳои калон вуҷуд доранд.

Аҳолии ноҳия 100520 кас буда, масоҳаташ 3397 гектар аст.

Дар нозироти андози ноҳия 63 нафар ва дар мақомоти полис он 12 нафар кор мекунанд. Субҳонкул Мирзоев - сардори шӯъбаи ташкили андоз, Алиҷон Шокиров - сардори гурӯҳи андозбанди аз шахсон воқеӣ, Рачабалӣ Ганҷалов, Раҳматулло Ҳаётов, Муҳиддин Расулов, Ҳабиба Эргашева - аз беҳтарин коргарони мо ба шумор мераванд.

Зайдулло НАСРУЛЛОЕВ - раиси Нозироти андози ноҳияи Марказӣ. Ӯ сараввал техникуми молия ва баъд бахши иқтисодии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Фаъолияташро аз мақомоти молия ва андоз огоз науда, аз 21 декабри соли 1999 сардори

нозироти андози ноҳияи марказӣ мебошад: Ноҳияи Марказӣ ҳамчун як қисмати аз ҷиҳати саноати тараққикардаи пойтахт ба шумор рафта, дар он Комбинати бофандагӣ, Ҷамъияти саҳҳомии "Кӯҳандиз", нашриёти "Шарқи озод", Комбинати гӯшту консерв, Комбинати мебелбарорӣ, Заводи "Торгмаш", Тоҷикгосстандарт ва ғайраҳо мавҷуданд. Мо қариб ҳар моҳ супоришҳоро ичро мекунем, вазъи риояи тартибу интизом беҳтар мегардад. Ин ба интизоми молиявӣ низ дахл дорад.

Президенти Тоҷикистон дар Паёми худ ба Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қайд карда буд, ки "Дар шароити имрӯза яке аз вазифаҳои муҳим ва асосӣ ташкили системаи муносибатҳое мебошад, ки интизоми молиявиро таъмин менамояд". Вале ҳоло на дар ҳамаи ҷабҳаҳои иқтисодиёт ин вазифаи муҳим - яъне пурра таъмин будани интизоми молиявӣ риоя мегардад. Алҳол вазъияти воридоти буҷа ҳанӯз наметавонад, ки моро қаноатманд созад. Аз як тараф, ҳоло корхонаҳои саноатӣ бо иқтисоди пурраи худ кор намекунад ва имконияти иқтисодӣ надоранд, ки андозҳои худро сари вақт супоранд. Бовар дорам, баробари рушду нумӯи ҷомеа ин камбудиҳо ислоҳ хоҳанд шуд, баробари пешрафти истеҳсолот ва тараққӣ ёфтани иқтисодиёт

корхонаҳои саноатии мо нерӯи супурдани андозро пайдо мекунанд. Вале алҳол баъзе камбудиҳое низ мавҷуданд, ки онҳоро худи ҳамин рӯз имкон аст ислоҳ намуд ва имкон аст садҳо миллион сум ба буҷа ворид намуд. Аз соли 1999 сар карда бо кӯшишҳои рӯзафзуни президенти кишвар, мӯҳтарам Э.Ш. Раҳмонов волоияти қонун тақвият меёбад. Ин равнақи корро муҳайё месозад.

Дар нозироти андози ноҳияи Марказӣ Акбар Рачабов ба ҳайси Нозири калон, Ҷамила Эргашова - сардори шӯъбаи таҳлили андоз, Файзулло Мирзоев - сарнозир, Абдуҷалол Шарифов - сардори шӯъбаи ташкили андоз, Абдулло Раззоқов - нозири калон, Сӯҳроб Давлатов - сардори шӯъба кор мекунанд.

Хеле хуб аст, ки мо дар ихтиёри худ Кодекси андоз дорем, ки таҳия ва қабул шудани он як муваффақияти иқтисодии кишварамон ба шумор меравад. Ман дар боло қайд кардам, ки ин Кодекс бояд ҳам дар мактабҳои олии кишвар, ҳам дар синфҳои болоии мактабҳои ҳамагонӣ мавриди омӯзиш қарор бигирад. Дар овони иқтисоди бозорӣ он мачмӯи дастури фаъолияти на танҳо мақомоти андоз инчунин андозсупорандгон низ қарор бигирад. Аз рӯи Кодекс амал намуда, мо акнун набояд ба рақамбозиву рақамнависии оддӣ, ки аз

маълумотҳои фаврӣ бармеоянд, машғул шавем, балки таҳлил кунем, таҳлили чукуре, ки битавонад оинаи ҳақиқии иқисодиёти кишвар шавад. Кодекс пурра метавонад, ки ҳар соҳибкори моро низ аз санҷишу тафтишҳои беҳудаву тамаъкорона ҳифз созад. Вале афсӯс, ки мо коркуноии мақомоти андоз, органҳои болоии мо ба шарҳу тафсири ин ҳуҷҷати муҳими иқтисодӣ дуруст эътибор намедиҳанд. Дар ин бобат ман аз олимону иқтисоддонҳои мӯътабарамон низ гилимандам. Бояд мо Кодексро ҳамаҷониба тарғиб созем, онро ба омма фаҳмонем ва ин албатта корамонро сабук месозад. Ман дар поёни китоб ба ин мавзӯъ бармегардам. Ҳозир фақат як чизро таъкид кардан мехоҳам, ки агар аз рӯи Кодекс амал карда, соҳибкорро дилгир накунем, балки ба соҳибкорӣ роҳи васеъ кушоем иқтисодиётамон рӯ пешравӣ меорад ва ба ҷои, фарз кардем, сад рубли имрӯза фардо мумкин аст, ҳазор рубл ва аз ӯн ҳам зиёдтар андоз гирем. Як чизи дигарро қайд кардан мехоҳам, ки баъди қабули Кодекси андоз, намудҳои пардохти андоз, ки пеш зиёда аз 40 то буданд, ба 17-то, аз ҷумла се намуд пардохти андозҳои маҳаллӣ, кам карда шуданд.

Тибки моддаи 6-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозҳои Ҷумҳури

Тоҷикистон аз андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ иборатанд.

Ба андозҳои умумидавлатӣ инҳо дохил мешаванд:

1) Андози даромад аз шахсони воқеӣ.
2) Андози фоида аз шахсони ҳуқуқӣ.
3) Андоз аз арзиши иловашуда.
4) Аксизҳо
5) Пардохтҳои иҷтимоӣ.
6) Андози замин.
7) Андоз барои истифодаи захирҳои табиӣ.
8) Андоз аз амволи корхонаҳо.
9) Андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт.
10) Андоз аз истифодаи роҳи автомобилгард.
11) Андозе, ки субъектҳои соҳибкории хурд аз рӯи системаи соддакардашуда мепардозанд.
12) Ҳндоз аз фурӯш (пахта ва алюминий).
13) Бочи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ.
14) Бочи давлатӣ.

Ба андозҳои маҳаллӣ инҳо дохил мешаванд.

15)Андоз аз фурӯши чакана.

16)Андоз аз амволи ғайриманқули шахсони воқеӣ.

17) Андоз барои нигаҳдории нақлиёти ҷамъиятии мусофиркаш.

Бо вуҷуди ин, ман бояд қайд намоям, ки аз он сабабе, ки Кодекс дар асоси омӯзиши Кодексҳои андози як қатор кишварҳои пешқадами дунё таҳия гаштааст, вобаста ба шароити кишвари мо метавон ба он тағироту иловаҳо дохил кард, яъне Кодексро рӯз то рӯз барои шароити иқтисодии Тоҷикистон мувофиқтару мутобиқтар намуд. Ҳатто имкон аст баъзе намудҳои пардохтро дар дохили якдигар ҷой намуда, то 5-6-то кам кунем, ки ин боиси тараққии соҳибкорӣ ва воридоти бештаре ба буҷа мегардад.

Дар асоси Қонун "Дар бораи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2000-ум" тақсимоти андоз дар Кумитаи андози шаҳри Душанбе чунин аст:

ТАҚСИМОТИ АНДОЗ ДАР АСОСИ ҚОНУН «ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2000-УМ»

№	Намудҳои андоз	Вазни қиёсии андозҳои буҷет ба ҳисоби фоиз	
		Умуми давлатӣ	Маҳаллӣ
1	Андози арзиши изофа «Роҳи Оҳан», Ваз. алоқа Амонатбанк ШДСХ «Барқи Тоҷик»	— 100 63	100 — 37
2	Аксизҳо	—	100
3	Андози фоида ва амволи корхонаҳо «Роҳи Оҳан» Ваз. алоқа Амонатбанк	— 100	100 —
4	Фонди роҳ	100	—
5	Андози замин	15	85
6	Андози даромад аз шахсони воқеӣ	—	100
7	Андози системаи соддакардашуда	—	100
8	Андози захираҳои табиӣ	—	100
9	Андози амвол	—	100
10	Андоз аз соҳибони нақ. шахсӣ	—	100
11	Андоз аз фурӯш (пахта ва аллюминний)	100	—
12	Андоз аз фурӯши чакана	—	100
13	Андоз барои нигоҳдории нақлиёти пассажиркаш	—	100
14	Патентҳо	—	100
15	Бочи давлатӣ	—	100
16	Дигар намудҳои воридот	—	100

Дар поён ман вазни қиёсии намудҳои андозро ба нақшаи соли 2000-ум меорам. Аз муоинаи он ба хубӣ аён мегардад, ки иҷроиши нақша ба 4-5 намуди воридоти сахт марбут аст. Аз худи ҳамин ҳам гуфтаҳои ман дар бобати тағирот даровардан ба сарчашмаҳои воридоти бори дигар исбот мегардад ва маълум мешавад, ки зиёда аз 80 фоизи маблағи ба буҷа воридшаванда маҳз аз ҳисоби корхонаҳои саноатист аз ин рӯ зарур аст, ки тамоми корхонаҳоеро, ки аз фаъолият мондаанд ё ним фаъолият мекунанд, бояд ба кор даровард ва ба ашёи хоми кишвар мутобиқ кунонем. Дар он вақт ҳам аҳолӣ ба кор таъмин мешавад, ҳам сатҳи зиндагии мардум боло мебарояд ва ҳам буҷа бой мегардад. (нигаред ба сах. 47)

№	Номгӯи андозҳо	Нақша	Вазни қиёсӣ
1	Андози даромад аз шахсони воқеӣ	5123800	11%
2	Андози фоида аз шахсони ҳуқуқӣ	7885452	17%
3	Андоз аз арзиши иловашуда	22548869	48%
4	Аксизҳо	1300000	3%
5	Патент	710878	2%
6	Андози замин	91791	0,2%
7	Андози захираҳои табиӣ	7856	0,02%
8	Андоз аз амволи корхонаҳо	1225669	3%
9	Андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт	153178	0,33%
10	Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард	2202408	5%
11	Андози системаи соддакардашуда	931944	2%
12	Андоз аз фурӯш «пахта ва аллюминий»		
13	Бочи гумрукӣ		
14	Бочи давлатӣ	637259	1%
15	Пардохти дигар	1149824	2%
	АНДОЗҲОИ МАҲАЛЛӢ		
16	Андоз аз фурӯши чакана	1200000	3%
17	Андоз аз амволи ғайри манқули шахсони воқеӣ	60857	0,13%
18	Андоз барои нигаҳдории нақлиёт	363848	1%
19	Пардохтҳои дигар	1245642	3%
20	Ҷамъи андозу даромадҳо	46839275	100%
	аз он ҷумла буҷаи маҳаллӣ	19204373	41%

Ба касе пушида нест, ки ман ҳама вақт ва дар ҳама ҳолат гапамро кушоду равшан ва рӯирост изҳор менамоям. Аз ин рӯ мехоҳам дар ин ҷои боби китобам ба чанд суоли мушаххас- "Чаро намудҳои муҳими воридоти андоз ичро намешаванд?", "Коркуни мақомоти андоз чӣ душвориҳо дорад?", "Проблемаҳои бонк ва пули нақд...", "Роҳҳои баланд бардоштани сатҳи маърифати иқтисодии мардум"- "Чанд андеша изҳор созам.

Рости гап, ба факту рақамҳо, агар ба нишондодҳое, ки дар ҳисоботҳои оиди воридоти андоз дарҷ ёфтаанд, диққат диҳем, ҳақиқатан дар назари аввал чунин менамояд, ки гӯё ҳамаи натиҷаҳо хубанд; супоришҳо ичро, ҳатто пурраву барзиёд ичро! Масалан, Кумитаи андози шаҳри Душанбе дар ҷамъбасти соли 1999 ба буҷаи умумиҷумҳуриявӣ 33,6 миллиард ва ба буҷаи шаҳр қариб 15 миллиард рубл ворид кард. Ин кам аст ё зиёд? Албатта кам нест, вале агар сарфи меҳнат, харочоти кувваву нерӯи ҷисмониву маънавӣ, мушкилоти корро ҳисоб намоем ва боз ба ҳисоб гирем, ки як миқдори ин маблағ бо усули ҳисоббаробаркунӣ ба даст омадааст, он гоҳ хоҳу нохоҳ ба дигар хулоса меоем, яъне имрӯз кор мувофиқи табъ нест. Ин як ҷиҳати масъала. Боз, дар воқеъ ҳам алҳол дар ҷумҳурии мо кору фаъолияти

ходими мақомоти андоз хело вазнину пурмашаққат аст. Биёед, муоина созем ба нигоҳдории сохтории Кумитаи андоз. Масалан биное, ки мо дорем ба талабот ҷавоб дода наметавонад. Дар мақомоти андоз бояд системаи бо рухсатнома ворид шудан ҷорӣ бошад. Дар чунин шароите, ки мо дорем барои гирди бинороро маҳкам кардан ва системаи рухсатнома ҷорӣ намудан имконият нест. Ҳоло ҳар коркуни мо барои тоҷири тасодуфан авбош дастрас аст. Аз рӯи талаботи овони иқтисоди бозорӣ, ки ҷомеаи мо ба он рӯ овардааст, минбаъд тамоми фашангҳои истеҳсолот бояд ба андоз дода шавад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки ин мақомот ба тамоми имконоти техникӣ таъмин бошад. Ба ҳама маълум аст, ки агар шароити корӣ хуб набошад, самаронокии он коҳиш меёбад. Аз ин лиҳоз вазъияти мо хуб нест. Ҳанӯз дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" таъмин намудани кормандони мақомот ба шароити корӣ ва либосӣ корӣ таъкид шудааст, вале зиёда аз 8 сол боз он ҳалли худро намеёбад. Сабабгори ин ҳама он аст, ки ҳозир мо ба он дараҷаи маданиятнокии иқтисодӣ нарасидаем, ки ҳама супоридани андозро чун як рукни муҳими фаъолияти худ дарк кунанд ва дар ин бобат масъулият ҳис намоянд. Боз дигар садд низ вуҷуд дорад. Дар

нигоҳи аввал гӯё мо ҳама чизро дорем, аз ҷумла кодекси андоз, ки бо вуҷуди баъзе камбудиҳои ҷузъӣ, агар аз рӯи он амал намоем, нофаҳмиҳо рӯшан ва аксари камбудиҳо ислоҳ мешаванд. Аммо афсӯс, ки бо ҷурми баъзе нобасомониҳое, ки баъди воқеаҳои маълум, ҳанӯз ҳам аз сари мо дур нашудаанд, истеҳсолот пура кор намекунад. Масалан, дар як ҳуди шаҳри Душанбе аз 8000 муассисаи юридикӣ танҳо 2400 тои онҳои кор мекунанду халос. Аз рӯи ҳисоботҳои охир, то 1 апрели соли 2000-ум дар тамоми ҷумҳурӣ аз 32460 корхонаҳои аз тарафи мақомоти андоз ба қайд гирифташуда 15687-тои онҳо кор мекунанд, ки ин 48,3 фоизро ташкил медиҳад. Ин ҳама зарба ба андоз ва вобаста бар он, зарба ба буҷаи кишвар аст. Боз дигар сабабҳои объективӣ ва субъективӣ вуҷуд доранд, ки кори ходими андозро хеле душвор месозанду андозбандиро қариб пурра ғайриимкон мегардонанд. Ман шарҳ медиҳам: бисёр ҳолатҳое ҳастанд, ки молу масолеҳи ба бозорҳои пойтахт воридшаванда, инчунин рафти кор дар нуқтаҳои савдо аз назорати кормандони соҳаи андоз дур мемонанд. Чунки барои ин мо на имкони техникӣ дорем ва ҳатто на имкони оддии ҷисмонӣ. Ман гумон мекунам, ки агар нияти дар ҷомеаи иқтисоди бозорӣ фаъолият намудан дошта бошем, пеш аз ҳама

муҳим аст, ки мақомоти андоз ба техникаи ҳозиразамон, алалхусус шабакаи муайяни компютерӣ мучаҳҳаз бошад. Ин кори он қадар душвору дастнорас нест. Барои ба шабакаи ягонаи компютерӣ пайваст кардани системаи мо 200 миллион рубл зарур аст. Барои ин набояд истиҳола кард, чунки дар тӯли як сол на танҳо ин харочот пӯшонда мешавад, балки даромад аз он даҳчанд зиёд мегардад. Масалан, мо соли гузашта натавонистем, ки воридоти андоз аз фурӯши чаканаро ичро кунем. Сабабгори ин вучуд надоштани механизами баҳисобгирии фурӯши мол дар нуқтаҳои савдо мебошад. Барои пурра ба ҳисоб гирифтани фурӯши мол бояд дар ҳамаи нуқтаҳои савдо мошинҳои назорати кассавӣ гузошта шуда, назорати қатъӣ чорӣ кунем, ки онҳоро ҳатман истифода баранд. Алҳол дар пойтахт 7594 нуқтаи савдо мавчуд аст, ки ҳамагӣ дар 509 тои онҳо мошинҳои назорати касавӣ гузошта шудаасту халос. Аз ин рӯ, барои назорати ҳаррӯзаи фурӯши мол, табиист кудрати мо намерасад.

Соли гузашта аз тарафи корпоратсияи "Хӯрокворӣ" дар пойтахт 108 ичозатномаи фурӯши машрубот дода шудааст. Аз худи ҳамин маълум мегардад, ки аксарияти нуктахои шаробфурӯшӣ ба соҳибкории гайриконунӣ машғуланд. Дар бобати

фурӯши маводи тиббӣ ва ҷавоҳирот низ вазъият чунин аст. Вазорати тандурустӣ ба 92 шахсони ҳуқуқӣ ва вазорати молия ба 5 корхонаву ташкилот ва 44 ашхоси ҳуқуқӣ иҷозати фурӯши ҷавоҳирот додааст. Ҳамаи ин ҳамагӣ 25 фоизи фурӯши доруворӣ аз 10 фоизи фурӯши ҷавоҳиротро ташкил мекунаду халос. Боқимонда бе назорату андозбандӣ ба савдо мебароянд, ки ин ҳам зарба ба буҷа аст. Боз дигар роҳҳои андозбандӣ нашудани молҳои воридшуда, масалан тавассути ноҳияҳои Ленину Турсунзода (яъне аз назорати гумрукии шаҳри Душанбе дур мондан) ворид сохтани бор, аз қайди кумитаи андози шаҳри Душанбе нагузаштани амволи давлатӣ ва коммуналие, ки тавассути Кумитаи амволи ҷумҳурӣ фурӯхта мешаванд (порина дар ин бобат зиёда аз 1,0 миллиард рубл маблағ бекайд монд) ва фаъолияти сусти бонкҳост. Махсусан фаъолияти бонкҳо имрӯз хеле ташвишовар аст ва он ҳалли оҷилонаро мехоҳад. Ҷои пинҳон карданаш нест, дар кишвари мо ҳанӯз бонкҳо ба боварии аҳолӣ надаромадааст. Дар натиҷа дар гардиш фақат пули накд аст: пул қариб, ки пурра аз кисае ба кисае меравад, ҳол он ки бояд ба бонку амонаткасса равад ба ва ҳатман ҳисобу назорат шавад. Ба мақомоти андоз аксар вақт маълумотҳои бонкӣ дастрас

намегарданд ва умуман ман чунин ақида дорам ки то маблағгузории ғайринақдӣ ҷорӣ нагардад, ин чиҳати масъала ба танзим намедарояд.

Оиди бонкҳо дахл намуда, ман як чизро бояд ҳатман қайд намоям. Вазъияти қурби асъори миллӣ, ба ҳар каси мо аён аст, ки кӯча ба бонк фишор оварда истодааст. Бинед, дар кӯча қурби ҳар доллари ИМА 2500 рубл вале дар бонк 1958, бар иловаи он ки дар кӯча пулҳои наппа-нави 1000-рублӣ медиҳанду дар бонк 100, 200 ва агар бисёр қиммат кунанд, 500 рублии фарсуда. Ба касе пӯшида нест, ки дар аксар мавзеъҳои вилояти Ленинобод пули давлати хорича - рублҳои Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар муомилот аст. Ҳисоботи инро кӣ мебарад, онро кӣ андозбандӣ месозад? - Номаълум. Фаъолияти бенизомонаи бонкҳо ба иҷроиши қисми даромади буҷа таъсири номатлуб мерасонад. Аз рӯи маълумотҳое, ки ман дорам бо сабаби дар ҳисоби мукотибавии бонкҳои ҷумҳурӣ мавҷуд набудани маблағ то 1 апрели соли ҷорӣ 99,6 миллион рубл ба фоидаи буҷа интиқол наёфтааст. Умуман маблағҳои пардохтанашуда, ки дар суратҳисоби бонкҳо хобидааст 59,9 миллиард рублро ташкил медиҳад. Ин ҳам боз як зарба ба буҷаи кишвар аст. Мувофики талаботи Кодекси андоз мо бояд аз соли гузашта ба усули ба

воситаи ҳисобнома факутраҳо ҳисобӣ кардани молу амволи корхонаҳо, фурӯши маҳсулот ва хизматарсониро анҷом медодем. Бо ин тарз ҳам ҳисоботи аниқи доду гирифту фурӯши мол ба сомон медаромаду ҳам бо рақамҳои таҳлилӣ буҷа қариб 5 млрд, рубл бой мегашт. Ин фақат дар шаҳри Душанбе агар дар сатҳи тамоми ҷумҳурӣ ҳисоб кунем ин рақам хеле меафзояд. Барои тайёр кардану дастраси андозсупорандагон намудани он тақрибан 150 млн. рубл лозим аст. Муддати якуним сол аст, ки на роҳбарияти Вазорати молия, на Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва на дигар ташкилотҳои дахлдор ин масъаларо ҳал намекунанд. Ё мо фаҳмонда наметавонем ё онҳо фаҳмидан намехоҳанд?! Ҳол он ки мувофиқи моддаи 202-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ин яке аз талаботҳои муҳимтарини ҷамъбандии андоз аз арзиши илова мебошад.

Вақтҳои охир бо ҷидду ҷаҳди Президенти кишвар, мӯҳтарам Э.Ш. Раҳмонов ва тадбирҳои раиси шаҳри Душанбе мӯҳтарам М. Убайдуллоев чиноятқорӣ ва зӯроварӣ хеле кам шуда, осудаҳолӣ ва фаъолияти озод бештар ба танзим медарояд. Ин бояд ба суботи кори мақомоти андоз мусоидат намояд. Аммо дигар тадбирҳое низ вуҷуд дорад, ки ин

равандро бояд ба низом дароранд. Ҳама ба хотир дорем, ки порина Президенти Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар моҳҳои март, апрел ва август бо роҳбароне, ки ба қисми даромади буҷа масъуланд ва раисони шаҳру ноҳияҳо машварат доир намуд, чандин касон огоҳиву танбеҳ гирифтанд, ҳатто аз вазифа сабукдӯш гаштанд. Ин тадбирҳо албатта натиҷаҳои хуб доданд, масъулияти андозсупориву андозбандон зиёд ва вазъияти воридот ба буҷа беҳтар гашт. Аммо боз проблемаҳое вуҷуд доранд, ки ҳалли онҳо вокеан ҳам на он қадар душворанд, вале имконияти мақомоти андозро зиёдтар мекунанд. Мо - коргарони мақомоти андоз барои Вазорати молия яроқе ба шумор меравем, ки буҷаи кишвар ва даромаду хароҷотро ҳифз мекунем. Барои ин, ман бори дигар қайд мекунам, ки ақаллан бояд шароити хуби корӣ дошта бошем. Аз рӯи ҳисобҳои аниқ ҳар коргари Комитети андози шаҳри Душанбе соли гузашта ба буҷаи кишвар ба ҳисоб миёна 8,2 миллион рубл ворид намуд. Дар холате, ки мо наметавонем, ҳатто маоши коргаронро худро сари вақт диҳем, бобати ҳавасмандкунӣ ҷои гап ҳам нест. Мувофиқи қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оиди тадбирҳои иҷроиши буҷаи давлатии соли 1999" 2.5 фоизи маблағҳои воридоти андоз ва дигар

пардохтҳое, ки аз тарафи мақомоти андоз ба даст меояд, бояд барои нигоҳдории мақомоти андоз равона карда шаванд. Агар аз рӯи ин қарор амал менамуданд, Кумитаи андози шаҳри Душанбе аз ҳисоби маблағи ба буҷа воридкардааш бояд 800,0 миллион рубл мегирифт, ҳатто маблағҳои аз тариқи ҳисоббарорабкунӣ воридшударо барорем низ ҳаққи мо 322 миллионро ташкил медод. Вале аз тарафи Кумитаи андози назди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кумитаи андози шаҳри Душанбе ҳамагӣ 157 миллион рубл гузаронида шудаасту халос. Мо дар боло бобати ба шабакаи ягонаи компютерӣ таъмин набудани мақомоти андоз ҳарф задем. Ин як тараф истад, ҳатто мо алоқаи дурусти телефонӣ надорем. Ҳамаи ин кори мақомоти андозро хеле душвор месозад.

Бо ин ҳама чизро таъкид кардан мехоҳам, бояд ҳама ташкилотҳои ба таъмини буҷаи кишвар масъул ба ҳам такя ва кӯмак намуда, як ҳадаф дошта бошем, ки он пешрафти иқтисодиёт ва ободии кишвар аст. Дар ин бобат ҳама бояд андешаву амали ҳақиқатан ватанпарварона ва миллатдӯстона дошта бошем, манфиати шахсӣ, хотирбинӣ, тамаллуқ ва дигар омилу эҳсосоти зудгузару барои инсони ҳақиқӣ номатлубро сарфи назар намуда. Дар ғами ояндаи кишвар бошем ва бо ин аз фаъолият

ва аз зиндагии худ барои фардо нақше ё ақалан ёди неке боқӣ гузорем. Набояд фаромӯш кард, ки ба тартиб овардани воридот ба буҷа - ба тартиб овардани иқтисодиёт ва умуман ҳаёти ҷомеа мебошад.

Дигар бо сухани хушку холӣ, бе таҳлили чуқури иқтисодӣ, бе муайян кардани нақша ва бе тақвияти имкону қудрат набояд кӯр-кӯрона роҳ тай кард ва набояд ин масъаларо саҳл пиндошт. Кор дар мақомоти андоз масъулияти бузург аст, чунки он як рукни муҳими пешрафту ободии кишвар ва осудаҳолии миллат ба шумор меравад.

Ҳанӯз иқтисоддони маъруфи англис Адам Смит изҳор карда буд, ки барои пешқадам шудани ҳам гуна давлат ва тараққии ҳама гуна ҷомеа се омил хеле муҳим аст: сулҳу салоҳ, таҳаммул ва андози мӯътадил. Бо кӯшишҳои рӯзафзуни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Э.Ш. Раҳмонов дар кишвари мо сулҳу ваҳдати бебозгашт барқарор шуд. Вазъияти пойтахт низ зимни ичрои қарорҳои раиси шаҳр Маҳмадсаид Убайдуллоев, ки тамоми нерӯҳои қудратиро ба ин мақсад ҳамоҳанг месохт, хеле орому осуда гашт, зуровариву таадӣ қариб пурра аз байн рафтааст. Ҳамаи ин шароити мусоид фарохам меорад, ки иқтисодиёти мо пеш равад ва сатҳи зиндагии мардум баланд гардад. Акнун барои аз

ҷиҳати иқтисодӣ мустақил ва пешқадам гаштани кишвари мо ду омили дигар зарур аст. Сабру таҳаммул, ки дар ин андешаи амиқ ва ба фардо бо боварӣ нигаристан ҳам дохил мешавад ва ислоҳоти куллӣ дар бобати такмили кори мақомоти андоз. Ана дар ҳамин бобат, яъне такмили кори мақомоти андоз, ман чанд нуқтаро таъкид кардан мехоҳам. Ба ҳамаи мо маълум аст, ки иҷроиши нақшаи воридоти буҷа ҳама вақт бо душворӣ ба мо муяссар мешавад.

Ин чӣ тавр сурат мегирад? Сарчашмаи ин мушкилот дар куҷост? Тавре маълум аст ба маблағу буҷа асосан ду мақомот - андоз ва молия сару кор доранд; яке бояд маблағро ҷамъ оварад ва дуввумӣ - сарф созад. Вале афсӯс, ки дар амали ин ду ташкилот ҳамоҳангӣ хеле наҳиф ба назар мерасад. Масалан, мо дар ҷамъбасти нимсолаи аввали соли 2000-ум плани воридоти буҷаи умумиҷумҳуриявиро танҳо бо кӯмаки ҳисоббаробаркунӣ тавонистем иҷро намоем. Сабабгори ин асосан ду корхонаи азим - Роҳи Оҳани Тоҷик ва ширкати "Барқи тоҷик" ба шумор мераванд, ки бо маблағҳои калон аз андоз қарздоранд. Вале ба ин наметавон на мақомоти андоз ва на ин корхонаҳои зикршударо айбдор кард. Ин нуқтаро ман бо мисолҳои мушаххас шарҳ медиҳам: Ширкати давлатии саҳомии

холдингии "Барқи тоҷик" дар тӯли шаш моҳи соли ҷорӣ ба маблағи 4802,0 миллион рубл аз андоз қарздор мебошад. То ин дам корхона 258,0 миллион рубл андоз супоридааст, ки ин ҳамагӣ 5,37 фоизро ташкил медиҳад. Қарзи умумии корхонаи "Барқи тоҷик" дар назди буҷа то ин дам 20119,0 миллион рублро ташкил медиҳад. Ин қарзи калон аз вақти тадбиқи Кодекси андоз инҷониб ба амал омада сол то сол зам шуда истодааст. Гап дар сари он ки то ин вақт андоз аз арзиши изофа аз ҳисоби маблағи бо суратҳисоб воридшуда гирифта мешуд. Акнун бошад, андоз аз арзиши изофа аз рӯи таҳвили мол, яъне нерӯи барқ ҳисоб карда мешавад. Дар навбати худ дигар корхонаҳо, аз ҷумла заводи арзиз аз "Барқи тоҷик" 58020,7 миллион рубл қарздор аст. Корхонаи "Барқи тоҷик" аз таърихи 16 июни соли 2000 ба заводи арзиз мактуб ирсол намуда, талаб кардааст, ки қарзашро ба маблағи 1.500.000 доллари ИМА (2550 миллион рубли тоҷикӣ) бипардозад, то имконият пайдо созад, ки қарзҳои андозро супорад.

Ба ғайр аз ин, вазорати молия аз ҳисоби қарзҳои давлатӣ аз корхонаи "Барқи тоҷик" 1 миллион доллари ИМА қарздор аст, ки ин силисилақарз аз соли 1995 оғоз меёбад. Вазорати молия ӯҳдадор шуда буд, ки қарзи худро соли 2000 ичро мекунад, вале то ҳанӯз

он амалӣ намегардад... Иҷрои ин ду проблема метавонист ба буҷа 4250 миллион рубл ворид созад ки аз он 1573,0 миллион рублаш ҳиссаи бучаи пойтахт аст. Ба ғайр аз ин, дар қисми 4-уми қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рақами 861, аз 10 декабри соли 1999 "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2000-ум" қайд мегардад: "Барои ҷамъоварии ҳармоҳаи андози арзиши иловашудаи шаҳри Душанбе ба маблағи 3 миллиарду 272 миллион рубл аз ширкати давлатии саҳҳомии холдингии "Барқи тоҷик" чораҳои дахлдор андешида шавад". Аз саридораи Роҳи оҳан бошад, мувофиқи нақшаи соли 2000 - ум бояд ба буҷа андозҳо ба мкблағи 14,7 миллиард дохил шаванд, вале дар нимсолаи аввал ҳамагӣ 5,3 миллиард рубл дохил шуда асту халос, ки ин 36 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Ин ҳама имконияти воридшавии маблағро ба буча маҳдуд месозад, қарз болои қарз зам мегардад ва адо намудани он торафт мушкил мешавад. Хуш, дар ин ҳолат чӣ бояд кард? Ман гумон мекунам, Вазорати молия ҳангоми тартиб додани нақшаҳо ин ҳамаро бояд ба инобат бигирад. Охир, чӣ хел мешавад, аз ҳисоби корхонаи мушаххас плани

воридоти буҷа нақшабандӣ мешавад, вале қарзи он пардохт намегардад то он он корхона имкон ёбад андоз супорад? Тавре ман дар боло изҳор доштам, андоз ва молия ду шохаи аз ҳама асосӣ ва муҳими иқтисодиёт аст. Аз ин ру, ҳангоми нақшабандӣ набояд, ки ба якдигарнофаҳмӣ роҳ ёбад, балки муносибати саҳеҳ бояд ҷой дошта бошад; нақшабандӣ аз рӯи таҳлили аниқ сурат бигирад. Алҳол интавр нест. Нақшабандӣ аз ҷониби мақомоти молия тақрибан чунин сурат мегирад: Натиҷаи соли гузашта ба дастомадаро ба инобат мегиранд, ба он 10-12 фоиз зам мекунанд ва 6-7 фоизи дигарро илова месозанд.

Ба ҷадвалҳои поён таваҷҷӯҳ дихед, ки нақшаҳои имсолаи мо дар нисбати соли 1998 ва 1999 чӣ қадар афзоиш ёфтаанд.

(нигаред ба саҳифаҳои 62 ва 63)

№	Номгӯи андозхо	накшаи соли 2000-ум	иҷрошиши соли 1998	фарқият азрӯи %	нисбат ба накшаи соли 2000
	I Андозҳои умумидавлатӣ				
1	Андоз аз даромади шахсони воқеӣ	5123800	2502687,8	205%	2621112,2
2	Андози фоида аз шахсони ҳуқуқӣ	7885452	8321535	95%	-436083
3	Андоз аз арзиши иловашуда	22548869	10380541	217%	12168328
4	Аксизхо	1300000	64570,7	2013%	1235429,3
5	Патент	710878	507216,3	140%	203661,7
6	Андози замин	91791	142570,6	64%	-50779,6
6а	Аз он ҷумла аз шахсони ҳуқуқӣ		127192,2		-127192,2
6б	Аз шахсони воқеӣ		15378,4		-15378,4
7	Андоз барои истифодаи захирахои табиӣ	7856	12646,3	62%	-4790,3
8	Андоз аз амволи корхона	1225669			1225669
9	Андоз аз воситахои сохибони наклиёт	153178	55682,5	275%	97495,5
9а	Аз он ҷумла аз шахсони ҳуқуқӣ		48062,5		-48062,5
9б	Аз шахсони воқеӣ		7620		-7620
10	Андоз аз истифодабарандагони роххои автомобилгард	2202408	1363172,3	162%	839235,7
11	Андози системаи содиракаршуда	931944			931944
12	Андоз аз фурӯши (пахта ва алюминий)		235722,9	0%	-235722,9
13	Бочи гумрукӣ				0
14	Бочи давлатӣ	637259	576194,7	111%	61064,3
15	Пардохти дигар	1149824	792798,7	145%	357025,3
	АНДОЗҲОИ МАҲАЛЛӢ				
16	Андоз аз фурӯши чакана	1200000			1200000
17	Андоз аз амволи гайри манкули шахсони воқеӣ	60857	36239	168%	24618
18	Андоз барои нигохдории наклиёти чамъиятии мусофиркаш	363848	160540,2	227%	203307,8
19	Пардохтхои дигар	1245642	228417,4	545%	1017224,6
20	Ҷамъи андозу даромадхо	46839275	25380535	185%	21458739,6
	аз он ҷумла бучаи маҳаллӣ	19681491			19681491



Самад Маликов, раиси нозироти андози норҳияи Роҳи оҳан.



С. Самиев, сардори нозироти андози нохияи Фрунзе.



С. Хакимов, сардори нозироти андози ноҳияи Октябр.



З. Насруллоев, сардори нозироти андози ноҳияи Марказӣ.

№	Номгӯи андозхо	накшаи соли 2000-ум	ичроиши соли 1999	фаркият азрӯи %	нисбат ба накшаи соли 2000
	I Андозхои умумидавлатӣ				
1	Андоз аз даромади шахсони вокей 5	5123800	4078945,7	126%	1044854,3
2	Андози фоида аз шахсони хукукӣ	7885452	95891614	82%	-1704162
3	Андози аз арзиши иловашуда	22548869	12380608	182%	1016821
4	Аксизхо	1300000	192893,5	674%	1107106,5
5	Патен	710878	712170,3	100%	-1292,3
6	Андози замин	91791	124714,4	74%	-32923,4
6а	Аз он чумла аз шахсони хукукӣ		98665,7		-98665,7
6б	Аз шахсонӣ вокей		26048,7		-26048,7
7	Андоз барои истифодаи истифодаи табий	7856	10616,7	74%	-2760,7
8	Андоз аз амволи корхона	1225669	955942,9		269726,1
9	Андоз аз воситахои сохибони наклиёт	153178	116562,2	131%	36615,8
9а	Аз он чумла аз шахсони хукукӣ		99914,3		-99914,3
9б	Аз шахсони вокей		16647,9		-16647,9
10	Андоз аз истифодабарандагон и автомобилгард	2202408	2549005,2	86%	-346597,2
11	Андози системаи содлакардшуда	931944	123131,2		808812,8
12	Андоз аз фурӯши (пахта ва аллюминий)				0
13	Бочи гумрукӣ				0
14	Бочи давлатӣ	637259	572006,5	111%	65252,5
15	Пардохти дигар	1149824	901543,7	128%	248280,3
	АНДОЗХОИ МАХАЛЛӢ				
16	Андоз аз фурӯши чакана	1200000	282735,4	424,1%	917264,6
17	Андоз аз амволи гайри манкули шахсони вокей	60857	48141,9	126%	12715,1
18	Андоз барои нигохдории наклиёти чамъияти мусофиркаш	363848	390701,6	93%	-26853,6
19	Пардохтхои дигар	1245642	1028336,3	121%	217305,7
20	Чамъи андозу даромадхо	46839275	34057670	138%	12871605,5
	аз он чумла бучаи махаллӣ	19681491	14870627	132%	4810864

Мувофиқи нақшаи тартибдодаи Вазорати молия нақшаи Кумитаи андози шаҳр барои соли 2000-ум маблағи 39819350 ҳазор рублро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта якбора 40 фоиз афзудааст. Ба ғайр аз ин, мувофиқи нақшаи иловагӣ аз ҳисоби он ки плани Нозироти андози ноҳияи Роҳи Оҳан, ширкати "Барқи тоҷик" ва Вазорати алоқа 7 миллиард зиёд карда шуд. Баъди ин таносуби планӣ дар соли 2000-ум нисбат ба соли 1999-ум 60 фоиз зиёд шуд. Ин замкуниҳо кам буд, ки мувофиқи қонун "Дар бораи буҷаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2000-ум" 37 фоизи андози арзиши иловаи Ширкати давлатии саҳҳомии холдингии "Барқи тоҷик" ба буҷаи шаҳри Душанбе пешбинӣ шуда аст, ки ин 327,2 миллион рубл ё худ қариб 17 фоизи қисми даромади буҷаи шаҳри Душанбе барои соли 2000-ум мебошад. Ин як зарба ба буҷаи пойтахт аст. Охир ба ҳама маълум аст, ки ширкати "Барқи тоҷик" андози арзиши иловаро ичро карда наметавонад. Масалан, порина 77 фоизи андози арзиши иловаи "Барқи тоҷик", ки қариб 400 миллионро ташкил медод, ба буҷаи шаҳри Душанбе пешбинӣ шуда буд, вале аз он ягон рубл ворид нашуд.

... Чунин нақшабандиҳо, ки заминаи воқеӣ надоранд, ҳам боиси мушкилоти кори

макомоти андоз ва ҳам пур нашудани қисми воридоти буҷа мегарданд. Ин нақшабандӣ аз чанд ҷиҳат наметавонад, ки воқеӣ бошад ва оқибатҳои барои иқтисодиёт ва вазъи истеҳсолот ногувор меорад:

Якум - натичаҳои соли гузашта ба дастомада низ аксаран аз рӯи воқеият нестанд ва барои ба онҳо ноил гаштан бисёр роҳҳои ғайрииқтисодӣ истифода бурда шудаанд. Ман роҳҳои ғайрииқтисодӣ гуфта, баргузории тафтишу санҷишҳои аз меъёр зиёд, бастани суратҳисобҳои корхонаву муассисаҳо дар бонкҳо, ҳабси амвол ва дигар муҷозотҳои молиявиро дар назар дорам. Дар аксари мамолики пешқадами дунё аз тарафи макомоти андоз соле ба ҳисоби миёна 4 фоизи корхонаву муассисаҳо санҷида мешаванд ва дар 10-15 фоизи онҳо камбудиҳои сохаи андоз дарёфт мешаванд. Дар мо бошад, соле дар 80 фоизи корхонаҳо санҷиш мегузаронанду дар зиёда 90 фоизи онҳо камбудӣ меёбанд. Дуруст, ки ҳамаи ин аз рӯи қонун аст, вале инсофро аз байн мебарад, як вазифаи муҳими андозро хамчун фашанги такмил ва рушди истеҳсолот суст мекунад. Ба ибораи оддӣ гӯям ,хама аз андоз ва макомоти андоз дилмонда мешаванд, ки ин окибат хам ба тараккии истехсолот ва хам ба хавсалаи воридкунандагони молу мавод таъсири манфӣ мерасонаду рафта-рафта

бозори истеъмолии моро хароб мекунад ва ба пешрафти иқтисодиёт низ зарба мезанад.

Дуюм - ғайривоқеӣ будани нақшабандаии воридоти буҷа аз худи ҳамин факт низ аён аст, ки баъзе намудҳои сарчашмаҳои воридоти андоз 10-15 фоиз ичро мегарданду баъзе сарчашмаҳо аз 200 фоиз мегузаранд. Ин чӣ тавр сурат мегирад? Ман ба якчанд мисоли рақамҳои пешрафти Кумитаи андози шаҳри Душанбе шарҳ медиҳам. Масалан, дар ҷамъбасти нимсолаи соли ҷорӣ кумитаи аз 15 намуди сарчашмаҳои андоз ва пардохти расмӣ 5 намуди онро ичро карда натавонист. Андозои аксизҳо 23 фоиз, андоз ва амволи корхонаҳо 57 фоиз, андоз аз рӯи системаи соддакардашуда 47 фоиз ва ғайраҳо. Аз ин ҳисоб ба буҷа 3,5 миллиард рубл ворид нагашт.

Сеюм - тавре дар боло гуфтам, ҳангоми нақшабандӣ бо назардошти беқурбшавии пул (инфляция) ба нақшаи солона 6-7 фоиз илова мегардад. Ин ҳам нодуруст аст. Аз он ҷиҳат, ки Вазорати молия бояд ба муқобили бекурбшавии асъори миллӣ мубориза барад. Дар ҳолати ҷорӣ бошад, на танҳо мубориза намебарад, баръакс онро ба нақша мегирад. Агар дар давоми сол бекурбшавии пул ба дараҷаи фоизи нишондодашуда нарасад ҳам, ба нақша тағйирот ворид намесозанд. Баръакс агар фоизи бекурбшавӣ афзояд,

баробари он планро низ зиёд мекунанд.

... Боз мисолҳои зиёде овардан мумкин аст, ки саҳеҳ ва ҳамоҳанг набудани кори мақомоти андоз ва молияро собит месозанд. Илочи ин дар чист? Вақтҳои охир, дар байни ашхоси ба иқтисод сару кордошта, гап-гап, аниқтараш фарзу тахминҳое пайдо гаштааст, ки агар мақомоти молия ва андозро бо ҳам муттаҳид созанд, яъне андозро ба яке аз умурҳои Вазорати молия табдил диҳанд, гӯё вазъият ислоҳ ва воридоти буҷа беҳтар мешуда бошад. Тарафдорони ин ақида, исбот карданӣ мешаванд, ки гӯё мақомоти андоз, ки вазифаашон пуркунӣ ва молия, ки вазифааш харочоти он аст, як карда шавад, вазъият беҳтар мешуда бошад. Ман, ки хӯҷаини андешаи худам мебошам, ақида дорам-ҳаргиз ба ин рох додан нашояд? Дар солҳои овони Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамин хел буд ва бисёриҳо шоҳидем, ки ин тарзи дахлу харчи маблағ чӣ нокисиҳо дошт. Ман худ, ки солҳо раиси комиссияи буҷетии сатҳи шаҳрӣ будам, тавре мегӯянд - инро дар пӯсти худ санҷидам. Шояд ин якҷоякунӣ аз нигоҳи он ки шумораи кормандони сохтор андаке кам мешаванд ва аз он ҳисоб андаке маблағ сарфа мегардад, андаке фоида оварад. Вале зарараш хеле бештар аст. Вакте мақомоти андоз тобеи молия бошад, барои ичро шудани супориш ва гап нашудан ҳар хел

воситаҳо, аз қабили кам кардани план, ба дигар семоҳа, нимсола ё ба охири сол гузаронидани он хеле зиёд мегардад, ки ҳамаи ин барои назарфиребисту ба буҷаи кишвар зарари калон меорад.

Аслан гирем, мақомоти андоз дар аксари кишварҳои муттараққии олам органи мустақил аст, ҳатто дар нисбати ҳукумат. Аз ин рӯ, вобаста ба шароити имрӯзаи кишвар, вобаста бар он ки дар бобати ғанӣ гардонидани хазинаи кишвар ба як ҳолати фавқулоддае дучор омадаем ва барои он ки ҳангоми иҷрои вазифа ба мо аз ягон ҷониб фишор наоранд, хуб мешуд, ки Кумитаи андоз на дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ба Кумитаи андози назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад. Он вақт имконоти ин мақомоти муҳими иқтисодии кишвар бештар мегашт ва нафъаш низ ба ҷомеа бештар мерасид.

Боз як чизро бояд қайд кунам, ки кори мақомоти андоз саросар иборат аз камбудиҳо нест.Сохтор такмил меёбад. Дар аксари сарчашмаҳои воридот дастовардҳо пайдо мешаванд. Ба як факти оддӣ диққат диҳем, аз он хулосаи фараҳбахшемебарояд. Масалан, агар порина ҳар як кормандимақомоти андози шаҳри Душанбе ба ҳисоби миёна ҳар моҳ 15 миллион рубли тоҷикӣ ба хазина ворид карда бошад, тавре аз

натичаҳои дар зарфи шаш моҳ ба дастоварда маълум мегардад, акнун моҳе ҳар коргари макомоти мо ба хазинаи кишвар 40 миллион рубл ворид намудааст. Кумитаи андози шаҳри Душанбе дар зарфи шаш моҳ ба хазинаи умумичумҳуриявӣ 16,5 миллиард ва ба буҷаи шаҳр 8,9 миллиард рубл ворид сохт. Ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, мутаносибан 500 миллион ва 2,4 миллиард зиёд аст. Моро чизи дигар хурсанд месозад. Агар дар нимсолаи дуввуми соли гузашта маблағи 52,2 фоизи қисми даромади буҷа бо роҳи ҳисоббаробаркунӣ ворид шуда бошад, ин рақам имсол 31,3 фоизро ташкил медиҳад. Торафт кам шудани ҳисоббаробаркуниҳо маънои онро дорад, ки дар хазинаи маблағи воқеӣ зиёд мешавад. Бо вуҷуди ҳамаи ин ҳоло мо наметавонем қаноатманд бошем. Аз ҷузиёти хурд сар карда - аз андози патент то силсилакарзҳои корхонаҳои азим алҳол садди хеле мушкилгузареанд барои пешрафти иқтисодиёти кишвар...

Ана, дар ҳаминҷо боз ба ёд меоварем Адам Смитро, ки гуфта буд: “Барои пешқадам шудани ҳама гуна давлат ва тарикии ҳама гуна ҷомеа, се омил хеле муҳим аст: сулҳу салоҳ, сабру таҳаммул ва андози мӯътадил. Шукр, дар кишвари мо сулҳу салоҳ баркарор аст. Оё мо дар марҳилаи дуввум

қарор дорем? Ин тавр бошад, сабру таҳаммулро набояд бепарво будан пиндошт. Мо бояд андешем, ҷустуҷӯ бикунем ва дарёбем роҳҳои пешрафти иқтисодии кишварро.

Дар ҳақиқат баъди ҷаласаи умумиҷумҳуриявӣ, ки 9 феврали соли гузашта бо иштироки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ Президенти Тоҷикистон мӯҳтарам Э.Ш. Раҳмонов гузаронд, ибтидои корҳои бузург буд бобати риояи ҳатмии волоияти қонун, риояи тартибу интизом ва кам шудани чиноятккорӣ. Соли ҷорӣ, тибқи амалӣ шудани қарори раиси шаҳри Душанбе мӯҳтарам Маҳмадсаид Убайдуллоев, рақам 32, аз 5 апрел вазъи тартибу интизом дар пойтахт хеле беҳ шуд. Ин ҳама моро хушнуд месозад, ки дар остонаи пурра ором гаштани ҷомеа, пурра аз рӯи қонунҳои умумибашарӣ ва тамаддун зиндагӣ доштан, истодаем. Ин беҳбудиро аз рӯи рақамҳои пешрафти воридоти андоз низ шарҳ додан мумкин аст. Аммо ҳоло ҳам мушкилот зиёд аст, мушкилот бобати барҳам додани коррупсия, дуздиву ғорат дар сатҳи баланд, сӯистеъмол аз мансаб ва риояи интизоми молиявӣ.

Дар ҳама кор интизом рукни муҳиму асосӣ ба шумор меравад, то интизом набошад кор пешрав намешавад. Аз ҷумла дар иқтисодиёт, дар молияву андоз низ

Президенти Тоҷикистон мӯҳтарам Э.Ш. Раҳмонов дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда буд: **"Дар шароити имрӯза яке аз вазифаҳои муҳим ва асосӣ ташкили системаи муносибатҳое мебошад, ки интизоми молиявиро таъмин менамояд".** Мо - коркунони Кумитаи андози шаҳри Душанбе, ки Паёми Президентро омӯхта, дастури амали худ қарор додаем, яке аз тадбирҳои дар асоси он андешидаамон содир шудани фармони рақами 52 аст.

Таҳлил ва омӯзиши ташкили кори санҷиши андозсупорандагон, ки аз ҷониби сохторҳои мақмоти андози шаҳри Душанбе гузаронида мешаванд, нишон дод, ки солҳои охир дар ин самт норасоиҳои зиёде ба назар расида, санҷишҳои бемаврриди пай дар пай боиси ташвишҳои зиёди андозсупорандагон ва торафт камасар шудани натиҷаи санҷишҳо гардидааст. Вазъият ҳамин хел қарор дошт, ки тамоми сохторҳои мақомоти андоз ба кори санҷиш машғул мешаванд ва вазифаву ӯҳдадориҳои асосиашон ичронашуда мемонад. Инбенизомӣ боис мегардад, ки кори раёсати санҷиши андозсупорандагон ва шӯъбахои он дар нозироти ноҳияҳо ғайриқаноъатбахш мешавад.

Боид махсус қайд намоям, ки ин тадбир на танҳо барои коркунони макомоти андоз

зарур аст, балки ҳуқуқҳои иқтисодии андозсупорандагонро низ муҳофизат менамояд. Бо сабаби мавҷуд набудани ҳамоҳангӣ дар байни сохторҳо ҳолатҳои зиёде ҷой доранд, ки як корхона аз ҷониби гурӯҳҳои мухталифи санҷишгарон чанд бор пайи ҳам санҷида мешавад. Низоми ягонаи қайд ва назорати санҷишҳои гузаронидашуда аз байн меравад. Санҷишҳои сершумори дар аксар ҳолат бемаврид ва пинҳон намедорам, баъзан тамаъкорона андозсупорандагонро камзавқу дилсард месозад, онхо аз фаъолият бозмемонанд, ки ин зарар ба иқтисодиёти мост. Ҳол он ки, вақте мо рӯ ба иқтисоди бозорӣ овардаем, бояд санҷиш як меъёри муҳими фаъолияти иқтисодӣ бошад; бояд санҷишро талаб кунем. Дар давлатҳои пешқадами дунё бюроҳои махсуси аудиторӣ ташкил дода шудаанд, ки вазифаи онҳо хизмати санҷишӣ аз рӯи талабот аст; яъне санҷишгаронро талаб мекунанд ва барои корашон ҳаққи хидмат ҳам медиҳанд. Фармони боло бо назардошти он аст, ки бояд ҳар санҷише, ки аз ҷониби ходимони мо мегузарад, ба стандарти ҷаҳонӣ наздик бошад.

Бо назардошти ин ҳама, тибқи фармони мазкур гузаронидани санҷишҳои фаъолияти андозсупорандагон ба ӯҳдаи Раёсати санҷиши андозсупорандагони Кумитаи

андози шаҳри Душанбе ва шӯъбаҳои санҷиши нозироти ноҳияҳо гузошта шавад. Ин чунин маъно дорад, ки идораи ташкили андози Кумитаи андози шаҳри Душанбе ва шӯъбаҳои ноҳиявии он аз масъулияти гузаронидани санҷишҳо барканор карда шуда, ба кори ҷамъоварии андоз ва таҳлили иқтисодии муассисаҳо ҷалб карда шавад, яъне кори касбии худашонро кунанд дар ҳолатҳои зарурӣ, ин ҳам бо супориши раиси Кумитаи андоз, дар объектҳои ба онҳо вобаста бо Раёсати санҷиши андозсупорандагон якҷоя санҷиш гузаронанд.

Пеш шӯъбаҳо барои гузаронидани санҷишҳо мактуб -шаҳодатномаҳо медод. Акнун санҷиши фаъолияти андозсупорандагон аз ҷониби сохторҳои мақомоти андози шаҳри Душанбе ва ноҳияҳо танҳо бо фармони раиси Кумитаи андоз сурат мегирад...

Барори ин тадбирҳо мо бобати баланд бардоштани маданияти санҷишгарон чорахои мушаххас меандешем. Талаботҳои ҷиддӣ гузошта шудаанд, ҳар санҷишгар баробари маҳоратӣ касбӣ, инчуин мустақилият, поквичдонӣ, объективӣ, салоҳиятнокӣ, боинсофӣ зоҳир намуда, аз рӯи риояи меъёри умумии одобу ахлоқ амал намояд.

Ман гумон мекунам, амалӣ шудани ин

тадбирҳо боиси ҳалли як қатор мушкилотҳои воридоти буҷа мегардад ва аз ҳама асосиаш мавқеи мақомоти андозро бо андозсупорандагон наздик месозаду андозро, як қадаре ҳам бошад, вокеан ҳам ба рукни тараққибахши иқтисодиёт табдил медиҳад. Ва боварӣ дорам, ки дигар комитетҳои андози вилоятҳо инро дастгирӣ карда, андозсупорандагонро аз ҳуҷуми доимии санҷишҳои беманфиат ва хурдагирона нигоҳ медорад. Ин натиҷаҳои фараҳбахш хоҳад овард ва боварӣ дорам, ки дигар мақмоти андоз инро дастгирӣ ва ба амал татбиқ намуда, андозсупорандагонро аз ҳуҷуми доимии санҷишҳои беманфиат ва тамаъкорона муҳофизат месозанд.

Вокеан, тибқи ин фармон, ба мақомоти полиси андоз низ як маҳдудият ҷорӣ шудааст. Акнун санҷишҳо на аз рӯи ахбороти даҳонӣ ва беҳуҷҷати мақомоти полиси андоз, балки аз рӯи далелҳои мӯътамад ва мушаххас мегузаранд.

Боз як мушкилӣ вуҷуд дорад. Ба касе пушида нест, ки аксари нуктаҳои савдои яклухт ва чакана, ҳатто корхонаҳои саноатии калон ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ аз тарафи одамони баландмансаб ё намояндагони сохторҳои низомӣ, тавре мегӯянд, “нигоҳубин” карда мешаванд. Аксари ин гуна корхонаҳо ба ягон воситае аз андоз

саркашӣ мекунанд. Ман инҷо ҳаргиз дар он ақида нестам, ки моликияти шахсӣ бояд маҳдуд карда шавад ё шахсони мансабу вазифадор набояд ба соҳибкорӣ машғул шаванд. Як нишонаи давлати тараққикарда декларатсия пешниҳод кардани одамони воломақом ва сарватманд аст. Беҳуда нест, ки сардори давлати мо яке аз аввалинҳо шуда рақами мушаххаси андозсупоранда гирифт. Вале на ҳама ба ин эътибор медиҳанд. Мо ҳанӯз сарвати одамони бо амри тақдир бойшударо дуруст ба ҳисоб гирифта натавониста истодаем. Агар сабабгори ин аз як тараф ноҳамвории ҷомеа ва сустии фаъолияти бонкҳо бошад, аз дигар тараф онҳоро дар мансаб аз ҳад зиёд нигоҳ доштан мебошад. Бояд одамони сарватмандро маҷбур созем, ки капитали ҷамъовардаашонро ба кор дароранд, ки ин ҳам боиси пешрафти ҷомеа мегардад ва ҳам боиси пешрафти истеҳсолот. Инчунин бояд ба он ноил гашт, ки маблағ дуруст ҳимоя гардад ва кушоду равшан истифода бурданаш нормаи муқаррарӣ гардад. Бале, риояи қонун бояд барои ҳама як бошад ва мо ҳатман дар дохили чаҳорчубаи он бояд зиндагӣ кунем. Барои ба ин ноил шудан ман гумон мекунам ягон зуриву зуроварӣ ва нируву сохторҳои қудратӣ дуруст кӯмак карда наметавонад, чунки пеш аз ҳама бояд мо сатҳи маърифати иқтисодии

мардумро боло бардорем ва дар тамоми аҳли ҷомеа ҳиссиёти хосе муқаддаси адлу инсоф ва миллату ватандӯстро тарбия намоем. Шояд дар ҳолате мо душвориҳои воридоти андозро таҳлил созем, ин ибораи ҳиссиётиро баъзеҳо ноҷо шуморанд, вале ман пурра бар он ақидаам, ки то ҳар шахси мансабдори мо, ҳар соҳибкори мо, ҳар шаҳрванди қатории мо агар миллат ва ватанашро дӯст надорад, бӯҳрони иқтисодиро пушти сар кардани ҷомеаи мо хеле душвор мегардад. Ба мо сардори давлатамон қариб ҳаррӯз инро талқин месозад. Тавре дар боло гуфтам, анборҳои корпоратсияи "Хӯрокворӣ" лабрези маҳсулоти худист, дар он меҳнати халқи худамон, масолеҳи худамон, сарф шудааст, аз ҷиҳати сифат ҳам он хеле беҳтару безарар аст ва агар ба бозор роҳ ёбад, фоида ба буҷаи кишвар аст. Вале бозору мағозаҳои моро пурра маҳсулоти худсохт, пастсифат ва ҳатто зарароварӣ аз дигар давлатҳо овардаи соҳибкоре (инсофи ӯ кучост?!) забт кардааст. Ӯ ба кадом роҳ оварда бошад ин маҳсулотро? Охир, корпоратсияи "Хӯрокворӣ" ба ягон соҳибкор барои ба ҷумҳурии мо ворид намудани маҳсулоти спиртӣ квота надодааст.-ку? Охир ба ин мақсад ягон маркази аксизӣ ба савдо нарафтааст-ку? Баъдан маҳсулоти воридшуда аз чӣ бошад арзон аст. Маълум мешавад, ки бо роҳи

ғайриқонунӣ, бо роҳи қочоқ ба ҷумҳурии мо ворид гаштааст. Албатта бо роҳи ғайриқонунӣ, вагарна нархи он аз нархи маҳсулоти худӣ, вобаста ба нархи аксиз, хеле қиммат меафтад ва шояд ба савдо намерафт. Аз ин чунин хулоса бармеояд, ки он соҳибкори баднафс ва он мансабдоре, ки ба хотири манфиати шахсӣ ба ӯ кӯмак намудааст, ки борашро вориди кишвари мо созад, пеш аз ҳама ифтихори миллӣ надоштаанд ва зарба ба бучаи мо ва зарба ба мардуми нимгуруснаи мо задаанд. Дар ин бобат маърифати на танҳо истеҳсолотчиёну соҳибкорон, балки истеъмолкунандагонро низ бояд баланд бардошт. Пеш аз он, ки мо маҳсулот бихарем, бояд бо сифати он диққат диҳем. Ин хам маърифт аст, ин ҳам маданият аст. Маҳсулоти синтетикӣ, махсусан сару либоси кӯдакона ва ҳатто бозичаҳое, ки аз Хитой ба мо ворид мешавад, дар худи он кишвар ҷиҳати зарарнок буданашон иҷозати фурӯш надоранд. Вале бинед бозори моро кариб пура ишғол кардаанду бучаи кишвари моро ғорат месозанд. Ин ва дигар сабабҳо боиси дар сатҳи паст қарор гирифтани иқтисодиёти мо ва ба танзим надаромадани истеҳсолот мегардад. Охир пули моро бурда истодаанд, охир моро ғорат карда истодаанд. Оё ягон илоҷ аст, ки пеши роҳи ин хамаро бигирем. Ҳаст, албатта: риояи қонун, хамтман

дар чаҳорчубаи қонун зиндагӣ кардан. Беинсофӣ то ба дараҷае расидааст, ки баъзе "соҳибкорон"-и навбаромад, ҳатто "дору" месозанд ва дорухои худсохтро ба савдо мебароранд. Бо мақсади таъмини сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи ташхис ва сертификатсияи доруворӣ, маҳсулоти таъминоти тиббӣ ва санитарӣ-гигиенӣ, маводи хӯрокаи хислати табобатӣ профилактикӣ дошта ва косметикӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ аз 10.06. 1996, таҳти рақами 258 дар назди Вазорати тандурустӣ Маркази давлатии илмии ташхис, сертификатсияи доруворӣ, техникаи тиббӣ, маҳсулоти таъиноти тиббӣ ва санитарӣ-гигиенӣ, маводи хурокаи хислати табобатӣ- профилактикӣ дошта ва косметикиро ташкил дод. Мақсади асосии Марказ ба тартиб даровардани воридот, содирот, истеҳсол ва фурӯши доруворӣ дар ҳудуди ҷумҳурист. Вале тавре аз фактҳои ба мо маълум бармеояд, дар Марказ иҷроиши қонун ғайриқаноатбахш аст. Дар давраи соли 1996 то ҳоло ба сохторҳои алоҳидаи давлативу ғайридавлатӣ барои ба амал бароварданн ин намуди фаъолият 190 иҷозатнома дода шудааст. Ҳол он ки танҳо дар шаҳри Душанбе қариб 400 нуқтаи доруфурӯшӣ амал мекунад. Мувофиқи низомномааш Марказ ҳуқуқ дорад, ки санҷиш

гузаронад, фаъолияти дорухонаҳо ва шахсони алоҳидаеро, ки ба фурӯши дору машғуланд, агар ғайриқонунӣ бошанд, қатъ гардонад. Аммо дар давраи мавчудияташ марказ ягон бор аз ваколати худ истифода накардааст. Баръакс, ҳолатҳое во мехӯранд, ки Марказ бар хилофи қонунгузориҳои ҷорӣ амал намуда, ба шахсони алоҳида бе пардохти мукарраршуда ичозатнома додааст. Баъзан Марказ ба мӯҳлати ду сол ва аз он ҳам зиёд ичозатнома медиҳаду маблағи пардохтро барои як сол мегирад.

Боз яке сабабҳои асосии зиёд шудани нуқтаҳои доруфурӯшӣ бемамоният аз бунгоҳҳои гумрукӣ ба чумҳурӣ ворид шудани дорухои пастсифат ва аз қайднагузашта мебошад. Мувофиқи фехрасти маводи дорувори Ҷумхурии Тоҷикистон ҳамаи мамлакатҳо, шахсони ҳукукӣ ва вокеие, ки максади ба Ҷумхурии Тоҷикистон ворид намудани дорувориро доранд, боид ҳатман барои намуди алоҳидаи дорувориро шаҳодатномаи сабт гирифта, пас он дорувориро ба кишвар дохил намоянд. Дар холати ворид намудани дорувориро макомоти гумрук боид муайян намояд, ки масолеҳи воридшаванда ба фехрасти давлатии дорувориро мувофикат мекунад ё не. Аммо ин талабот умуман сарфи назар шудааст. Ин боис гардида, ки ба чумҳурии

мо воридшавии доруҳои бадсифат ва ҳатто қалбакӣ меафзояд. Ин раванд на танҳо андозбандиро душвор месозад, балки ба саломатии мардум зарар меорад.

Рости гап, бозори моро, мардуми моро аз ин ҳама муҳофизат намудан танҳо кори мақомоти андоз нест. Вазифаи мақомоти андоз аз он иборат аст, ки буҷаи кишварро ғанӣ гардонад, ғорат шудани онро ҳифз намояд. Барои аз ин ҷурмҳо халос шудан муборизаи муштараки ҳам мақомоти андоз, ҳам гумрук, ҳам Вазорати тандурустӣ, ҳам Вазорати корҳои дохилӣ ва ҳам Прокуратура зарур аст. Муҳофизати бозори кишвар, махсусан бозори истеъмолӣ на танҳо барои воридоти буҷа зарур аст, балки барои ҳимояи тандурустии омма барои ояндаи миллат аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Агар мо дуруст аҳамият надиҳем, агар ҳар молу маводе, ки аз хориҷ ворид мегардад, санҷида нашавад, кӣ медонад мумкин аст ба мақсадҳои душманона, ба хотири заҳролуд намудан ва ё батадриҷ нест кардани миллати мо равона карда шуда бошад. Ба ин масъала диққати ҷиддӣ бояд дод. Охир душман танҳо оне нест, ки ба мо кушоду рӯшан таҳдид мекунад, балки дигар намудҳои мубориза ҳам вуҷуд доранд дар дунё. Бо назардошти ин ҳама, агар мо маърифати иқтисодии оммаро низ баланд набардорем, дарин бобат

ба муваффақият ноил гаштанамон амри маҳол аст. Бояд ҳар истеъмолкунанда шахсан худаш талабгор ва харидори молу маводи хушсифат бошад.

Барои он ки мо ба тамаддуни умумибашарӣ наздик бошем, бояд ба он ноил шавем, ки тамоми аҳли ҷомеа супоридани андозро як рукни муҳими ҳаёт ва фаъолияти худ шуморанд ва аз руи он зиндагӣ намоянд. Тавре дар муқоваи китоб ман қайд намудам, ҳар касе ватани худро дӯст медорад, бояд андоз супорад. Яъне андозсупорӣ - як нишонаи муҳими маданият ва як нишонаи муҳими ватандустии ҳар фард аст. Супоридани андоз ҳатто талаботи Конститутсия аст. Дар моддаи 45-и Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки додани андоз ва пардохтҳо вазифаи ҳар як инсон ва ҳар як шаҳрванд мебошад. Дар назари аввал чунин менамояд, ки мо ҳама чизро дорем. Ман дар назар дорам Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онро маъноан метавон Конститутсияи иқтисодии кишвар маънидод кард. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ҳангоми суханронияш дар Маҷлиси Олии мамлакат қайд намуда буд: "Бояд таъкид кард, ки барои рушди устувори тараққиёт ташкили низоми самараноки андозбандӣ ва ҷамъоварии андоз аҳамияти

бузург дорад. Қадамҳои нахустин дар ин самт алакай бо қабули Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуданд. Акнун вазифа аз татбики амалии кодекси мазкур, такмили минбаъдаи сохтори андоз ва низоми ҷамъоварии он бо риояи дурусти ҳуқуқи андозсупорандагон мебошад!" Тавре дар боло гуфтам, ҳақиқатан ҳам қабули кодекси андоз як воқеаи муҳим аст дар таърихи иқтисодии кишвар. Худи ҳамин факт шаҳодат медиҳад, ки мо роҳу равиши минбаъдаи тараққиёти иқтисодии худро дуруст муайян намудаем. Аммо амалӣ шудани Кодекс суст сурат мегирад, ки ин сабабҳои ҳам объективӣ ва ҳам субъективӣ дорад. Аз як ҷониб, чӣ тавре ман дар боло зикр намудам, омӯзиши ҳамаҷонибаи он бояд ба роҳ монда шавад. Агар барои коркуни мақомоти андоз омӯзиши Кодекс чун дастури корӣ амал намояд, барои соҳибкорон ва умуман тамоми сокинони ҷумҳурӣ, ки бевосита ва ё бавосита андозсупоранда ба шумор мераванд, омӯзиш ва аз худ намудани Кодекс барои ҳимояи ҳуқуқии онҳо аҳамият дорад. Аз ин рӯ ҳамчун як навид ва навигарии овони иқтисоди бозорӣ, такрор мекунам, хеле дуруст мебуд агар дар мактабҳои олӣ, миёнаи махсус ва синфҳои болоии мактабҳои ҳамагонӣ омӯзиши Кодекси андози Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба роҳ мемонданд. Ба ғайр аз ин, хеле фоиданок мешуд, агар аз ҳисоби коркунони мақомоти андоз, олимону мутахассисон ва коллективи педагогии Институти андоз ва ҳуқуқ гурӯҳҳои тарғиботӣ ташкил дода, нуқоти муҳимтарини кодексро ба аҳолӣ фаҳмонида медодем.

Тарғиби Кодекс ва дигар қонунҳои андоз як ҷузъи хеле муҳими мақомоти андоз аст. Мо набояд танҳо андоз талаб кунем, балки оммаро бо роҳи фаҳмонда додан, тафсири Кодекси андоз ва дигар қонуниятҳои андоз, чоп кардани китобу дастурҳо, даъватҳо ба супоридани андоз омода созем; фаҳмонем, ки супоридани андоз аз гушаи вичдон аст, қарз аст. Алҳол дар ин масъала мо кам кор мекунем ва аз ташкилотҳои болоии худ низ кам дастурҳо мегирем.

Вокеан, як ҳадафи таълифи ин китобе, ки дар даст доред, ҳамин аст.

Масалан хеле хотирнишин ва самаровар буд, ки порина, дар даҳаи дуюми моҳи апрел бо дастгирии раиси шаҳр Маҳмадсаид Убайдуллоев бо иштироки олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ, дигар донишгоҳҳои марбута, бо ташаббуси нозироти андози ноҳияи Рохи оҳан семинар-машварат баргузор гардид.

Созмондиҳандагони ин ҷаласаи муҳим дар назди худ вазифа гузошта буданд, ки роҳҳои ҳаллу осон намудани татбиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дарёфта, самтҳои норавшани масъалаҳои андозситониро возеҳ ва ба ин васила истифодаи босамари ҳамаи фишангҳои андозу воридоти буҷаро мавриди баррасӣ қарор бидиҳанд.

Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев изҳор дошт, ки семинар машварат натиҷаи воқеии сиёсати иқтисодӣ ва таҳкими манбаъдаи ислоҳот ва дигаргунсозиҳо мебошад. Ӯ дуруст қайд кард, ки кишвар давраи ҳассоси гузаришро паси сар менамояд, ки он айёми хеле мураккаб буда, рушди иқтисод ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз муҳимтарин вазифаҳои он ба шумор меравад.

Ташкили чунин чорабиниҳо ман гумон мекунам ба осон кардани мушкилиҳо ва рӯшанӣ андохтан ба нофаҳмиҳое, ки ман дар боло номбар намудам, мусоидат менамояд. Дар семинар-машварат мурочиатнома қабул гардид, ки дар он аз ҷумла қайд мешавад: "Ба андешаи мо вазифаи аввалиндараҷа аз он иборат аст, ки Кодекси андозро бо маънои пурраш пеш аз ҳама кормандони мақомоти андоз, молия ва гумрук татбиқ намоянд ва инчунин моҳияти онро ба ҳар як

андозсупоранда дуруст фаҳмонанд..” Яъне бо ин таъкид мешавад, ки бояд Кодекси андоз дастури ҳар шахс ва сармошки фаъолияти мо бошад. Ба кодекси андоз аҳамият надодан, онро наомӯхтан, сарфаҳм нарафтан яке аз мушкилоти аз ҳама асосии соҳаи андоз ва андозбандӣ ба шумор меравад.

... Хеле зиёданд мушкилоти кори андозбандӣ. Бо ин ман ҳаргиз худро сафед кардани нестам. Балки онҳоро як бори дигар аз рӯи меҳри ватанпарастӣ хотиррасон намуда, тамоми мақомоти дахлдор, ҳатто аҳолии кишварамро ба он даъват карданиям, ки биёед ин мушкилотро осон ва иқисодиётамонро пешрав созем.

Ин қарзи мо ҳам барои имрӯз ва ҳам дар назди фардост. Ва мақсади таълифи китоб низ ҳамин аст. Такрор мекунам, ҳаргиз ман даъвои онро надорам, ки дар ин бобат ҳама чизро медонам ва ин китоб тамоми мушкилоти андози моро осон мекарда бошад. Ҳадаф дигарчиз аст: кӯмак ба иқтисодиёти кишвар. Таълифи китоб ба он маъноест, ки агар хазинаи зери заминиро дарёфт накарда бошам хам, дахони горро акалан нишон додам.

ПАТЕНТ ВА ПАРДОХТИ ОН

Дар бораи патент ва пардохти он баҳсу андешаҳо хеле зиёданд. Аз ин рӯ қарор додам, ки чун замимаи китоб намудҳои хизмати соҳибкорӣ, нархномаи он, шумораҳои нуқтаҳои мавҷуда ва маблағи онро интишор созам.

№	Номгӯи фаъолият	Маблаги умумии патент (бо пардохти иҷтимой)	Шумораи нуқтаҳо	Маблаги умумӣ
1	2	3	4	5
	1. Истеҳсол ва фурӯш			
1	Колин ва маҳсулоти колинӣ	12000	21	219,9
2	Либос, кулоҳ маҳсулоти муина, ҷилд	9600	44	1911,3
3	Маҳсулоти бофта ва гулдӯзӣ	8400	2	18,4
4	Ҷилдҳо барои автомашинаҳо. Густурдани фарши онҳо	18000	11	322,8
5	Маҳсулот аз полиэтилен ва қоғаз	12000	5	25,1
6	Маснуот аз тунука	18000	8	451,4
7	Маснуоти кулолӣ ва танӯр	9000	4	37,0
8	Мебел ва маснуоти маиши чубкорӣ	30000	5	114,1
9	Масолеҳи сохтмонӣ (хишт, семблок, гипсоблок ва гайра)	12000	26	761,0
10	Маснуоти заргарӣ ва таъмири он (гайр аз металҳои қиматбаҳо)	9000	3	27,8
11	Маснуоти заргарӣ ва таъмири он (аз металҳои қиматбаҳо)	12000	26	482,8
12	Асбобҳои хоҷагӣ	5400	2	10,1
13	Бозича ва армугон	3600	62	226
14	Қуттичаҳои чӯбини посилка ва мева	3600	2	31,2
15	Асбоби мусиқӣ ва таъмири онҳо	5400	-	-
16	Пойафзол	10800	-	-
17	Маснуот аз пластмасс	9000	1	7,5
18	Гулҳои сунъӣ	3600	12	164,6
19	Маснуот аз метал (ба гайр аз тунука)	24000	2	43,4
20	Сохтан ва фурӯши асбобҳои мохидорӣ	3600	1	20,0

21	Равғани растанӣ	18000	12	128,2
22	Ширинивории миллӣ ва махсулоти каннодӣ	9000	92	2836,1
23	Патароки чуворимакка ва биринч	3600	43	341,2
24	Яхмос	18000	51	1989,8
25	Ҳасиб аз г ӯшт	24000	42	1454,5
26	Нӯшокихои миллӣ	5400	59	535,4
27	Чамъоварӣ ва фурӯши мевахои ёбоӣ (замбурӯт ва растанихои дорутӣ)	3600	2	6,0
28	Асал	10800	10	94,7
29	Нон ва махсулоти нонӣ	14400	376	13895,7
30	Махсулоти макаронӣ	9000	8	143,5
31	Нӯшокихои гайриалкоголӣ, пиво	12000	79	2139,9
32	Сабзавот шӯр ва турушкарлашуда	9000	3	11,2
33	Парвариш ва фурӯши мохихо дар аквариумхо ва паранлахо дар кафас	3600	2	28,0
34	Нос, тамоку	24000	15	540,9
35	Мохии дулайлохташуда (шӯрмохӣ)	5400	-	-
36	Тайёр намудан ва фурӯхтани таомхо бе чои нишаст	6000	445	9010,3
37	Махсулоти чӯбкорӣ (сандук, гахвора, табак ва гайра	9000	5	300,8
	II. Хизматрасонӣ			
38	Сартарошӣ дар шахрчойхо	18000	147	4960,5
39	Сартарошӣ дар дехот	3600	3	18,0
40	Машинтамиркор ва велокор)	24000	1	20,0
41	Таъмири мебел ва маснуот чӯбин	9000	5	80,6
43	Таъмири тачхизот ва олоти маишӣ	7200	4	90,7
44	Таъмири совтхо	9000	14	341,7
45	Таъмири воситахои нақлиёт ва хизматрасонии онхо	30000	62	3038,0
46	Таъмири зарфхои хонагӣ	3600	3	25,0
42	Таъмири дастгохи радио ва телевизор	10800	14	388,0
47	Таъмири пойафзол	9000	19	228,7
48	Пошхории пойафзол	3600	15	111,2
49	Корхои таъмиру сохтмон	14400	3	48,6
50	Чарх кардани корд ва дигар аше	4800	3	16,8
51	Фельдшери стоматологӣ (бидуни техники дандон)	24000	8	612,0
52	Фельдшери духтурӣ	14400	12	617,6
53	Чароиданн чарво	5400	-	-
54	Суратгирӣ (фото)	12000	54	2163,8
55	Хунармандӣ ва рангкунии аше	12000	3	80,2

56	Корҳои муқовабандӣ	3600	7	107,0
57	Корҳои чопи мошинка	4800	6	42,4
58	Таъмири камераҳо ва манжети автомошинаҳо	7200	42	716,3
59	Хизматрасонии маросимӣ (сохтани ёдгорӣ, панҷараҳо)	6000	4	75,7
60	Фаъолияти брокерӣ	30000	-	-
61	Машқи дарси хонагӣ	6000	1	6,0
62	Далолӣ дар бозор	7200	-	-
63	Корҳои ҳаққоқӣ	7200	-	-
64	Кӯфтани галла	14400	80	1744,2
65	Шоназании пахта	9000	9	268,5
66	Корҳои оҳангарӣ	12000	10	133,6
67	Нусхабардории хуҷҷатҳо	12000	18	804,0
68	Сабти овоз ва видео	18000	21	511,1
69	Ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишӣ	7200	16	261,2
70	Иҷорагирии муваққатии наворҳои видео ва либосҳо тӯёна	24000	65	2597,2
71	Намоиши видеофилмҳо	30000	3	541,4
72	Алоқаи телефонӣ	3600	43	371,4
73	Наворбардории ҳар гуна чашнҳо	30000	-	-
74	Видеобар	24000	2	44,0
75	Бозиҳои компютерӣ барои кӯдакон	12000	17	338,1
76	Коркарди чӯбу тахта	14400	19	444,8
77	Куввадиҳии аккамуляторҳо	9000	2	66,8
78	Боғоҷхона	14400	4	129,0
79	Фаъолияти (маркази) маълумотдиҳӣ	3600	3	17,7
80	Ивазкунии асъор бо иҷозати Бонки миллӣ	36000	94	8513,3
81	Сароянда гон	36000	-	-
82	Раккосон	24000	1	12,0
83	Навозандагон	24000	-	-
84	Меҳмонхонаи хусусӣ то 4 ҷои хоб	12000	-	-
	зиёда аз 4 ҷои хоб барои хар як ҷой	2400	-	-
85	Истгоҳи шабонарӯзии автомашинаҳо	30000	16	266,9
86	**Бозори хусусӣ**			
	а) то 50 ҷой	36000	11	1101,1
	б) аз 50 то ҷой	7200	-	-
	в) зиёда аз 100 ҷой	9600	1	565,0
87	**Кашонидани мусофирон бо наклиёти хусусӣ**			
	а) бо автобусҳо то 20 ҷои нишаст	18000	20	352,9
	бо автобусҳо аз 20 то 30 ҷои нишаст	24000	2	60,0
	бо автобусҳои зиёда аз 30 ҷои нишаст	30000	1	50,0
	б) бо микроавтобусҳо	18000	438	9838,4
	в) бо мошинҳои сабукрав	7200	16	120,9

88	**Кашонидани мусофирон бо наклиёти ичоравй:**			
	а) бо автобусхо то 20 чои нишаст	12000	2	30,0
	бо автобусхо аз 20 то 30 чои нишаст	18000	-	-
	бо автобусхои зиёда аз 30 чои нишаст	24000	-	-
	б) бо викроавтобусхо	12000	45	955,0
	в) бо мошинхои сабукрав	7200	-	-
89	**Кашонидани бор бо наклиёти шахсй:**			
	а) бо кудрати борбарии то 3 тонна	24000	3	69,2
	б) бо кудрати борбарии зиёда аз 3 тонна	36000	3	110,0
	в) бо ароба ва дигар воситахои механикй	6000	-	-
90	**Кашонидани бор бо наклиёти ичоравй:**			
	а) бо кудрати борабрии то 3 тонна	18000	-	-
	б) бо кудрати борбарии зиёда аз 3 тонна	24000	1	54,0
91	Кашонидани бор бо аробачаи дастй	3600	11	22,8
92	Шудгори замин	24000	-	-
93	Бозихои шавковар (лотои русй)	36000	18	762,0
	III. Фаъолияти тичоратй:			
94	Харид ва фурўш молхои саноатй, хурокворй кишоварзй дар магозахои майдони савдоаш то 5 м.м. Аз боло ба хар як м.м.	18000 2400	2000	167730,3
95	Фурўши нўшокихои спиртй дар магозахо ва дўконхо	18000	176	10360,8
96	Фурўши нўшокихои спиртй дар кахвахонахо ва тарабхонахо	8400	22	688,0
97	Хариду фурўши молхои саноатй, хўрокворй, кишоварзй дар дўконхои бидуни майдони савдо	12000	482	27128,0
98	Фурўши кисмхои эхтиёти барои наклиёт дар бозорхо ва кўча	12000	122	1221,6
99	Савдои кўчагй	6000	5174	66081,5
100	Фурўши нон ва махсулоти нонй	3600	273	1905,5
101	Фурўш гулхои табиий	6000	29	271,5
102	Фурўши рўзномаву мачаллахо	3600	53	419,8
103	Фурўши китоб ва асбобхои хониш	5400	90	1591,5
104	Забхи мол, фурўши гўшт	12000	162	4826,0
105	Фурўши шир ва махсулоти ширй	3600	21	170,9
106	Фурўши сўзишворй ва равганихои молиданй АЗС	84000	39	7180,3
107	Фурўши сўзишворй барои наклиёт аз автомошинахои махсус	60000	1	50,0
108	Фурўши сўзишвори барои наклиёт дар кўча бо истеъмоли мехмонхои зиёди сўхтор	12000	18	182,2
109	Истехсол ва фурўши таомхои то 5 чои нишаст. Ба хар як чои нишаст аз 5 боло.	10800 1200	389	21177,9
110	Фурўши дорухорй	48000	76	14892,8
	Ҷамъ		13883	466644,9

ЭЗОХ: Тавре аз замима бармеояд, ҳоло на ҳамаи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ моро қонеъ месозад. Аламовараш он аст, ки шаробфурӯшон хеле зиёданд, вале онҳое, ки асбобу анҷомҳои миллӣ ва бобоӣ месозанд, хеле кам. Аробакашҳо зиёд, вале ягон корхона ё соҳибкори мо ароба намесозад. Дар асоси фаъолияти соҳибкорӣ моро лозим аст, ки барои зинда кардани фарҳангу маданият ва расму русумҳои миллӣ андеша ронем ва онро тараққӣ диҳем. Дигар чизе, ки ба андеша водор месозад, патент насупурдани ҳофизон, наворбардорон, мардикорон ва ғайраҳо мебошанд. Ин ҳам ба буҷа зарар дорад ва ҳам танбаливу муфтхӯриро зиёд месозад. Биёед, замимаро мутолиа намоем ва андешем, ки бо чӣ қодирем?!

Муҳаррир Нозир ЁДГОРӢ
Муҳаррири масъул Р. МАДАМИНОВ
Виростор А. ОДИНАЕВ
Мусаҳҳеҳ Ҳ. ПАРАСТАЕВА

Китоб дар нашрияи «ҲИЛОЛ» чоп шудааст

6e

000312860
Китобхонаи миллии Тоҷикистон